Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.hamsafon.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

27 январи
соли 2016,
чоршанбе,
№4 (1036)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Рӯзи 21 январи соли равон таҳти раёсати Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.

## Иқдомоти амниятии рӯзи якшанбе танҳо як тамрин буд



## САРГУЗАШТИ ЗАНЕ, КИ ДАР АСОРАТИ ДИИШ БУД



Нодия Мурод Баси Тоҳо муддати 3 моҳ асир ва канизи ҷангиёни ДИИШ буд ва баъд гурехт. 16 декабри соли 2015 Нодия аз минбари Шӯрои амнияти СММ баромад карда, дар бораи қатли оми Язидиҳо аз тарафи ДИИШ маълумот дод.

## БУХОРОИ МОЛӢ БОЗОРИ МОШИНРО ҲАМ САРД КАРД



Минбари халқ
27 январи соли 2016,
№4 (1036)

# МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

саҳ. 2

Дар маҷлиси васеи Ҳукумат натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар соли 2015 таҳлил ва вазифаҳои асосӣ барои соли 2016 муайян гардид.

Маҷлиси васеи ҷамъбастӣ бо иштироки роҳбарият ва аъзои Ҳукумати кишвар, роҳбарони идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, дигар мақомоти марказӣ, воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои олии таълимӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, бонкҳои саҳҳомӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои расмӣ ва дигар шахсони масъул доир шуд.

Зимни ҳисобот ва пурсишу посухҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба роҳҳои коҳиш додани таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди Тоҷикистон, афзун намудани истеҳсолоти ватанӣ ва иқтидори содиротӣ, муҳайёсозии ҷойҳои корӣ, иҷрои пурра ва босифати қисми даромади буҷети давлатӣ, сарфакорона ба роҳ мондани хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва кам кардани хароҷоти дуюмдараҷа зоҳир гардид.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат дар соли 2015 ҳисобот дод. Таъкид гардид, ки новобаста аз таъсири омилҳои беруна ба иқтисоди миллии кишвар мардуми Тоҷикистон бо амалӣ кардани як қатор тадбирҳо дар соли 2015 ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд. Дар соли 2015 ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 6 фоиз афзоиш ёфта, 48,4 миллиард сомониро ташкил дод. Дар ин давра барои дастгирии буҷаи давлат 450 миллион сомонӣ ҷудо карда шуд. Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ 15,7 миллиард сомонӣ ҷудо гардид. Давоми соли 2015 қисми даромади андози суғуртаи иҷтимоӣ 82 фоиз иҷро шуда, дар натиҷа 255 миллион сомонӣ ба буҷа ворид нагардид. Бақияи қарзҳо ба ҳолати 1 декабри соли 2014 - 653 миллион сомониро ташкил дод.

Дар кори маҷлиси Ҳукумати кишвар инчунин ҳисоботи Вазири молия Абдусалом Қурбониён ва Раиси Кумитаи андоз Нусратулло Давлатзода шунида шуд.- Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба иҷро нагардидани дурнамои истеҳсоли пахта, ки яке аз роҳҳои таъсиси ҷойҳои нави корӣ аст, таъмин нагардидани нақшаи даромади андоз, ҷамъоварии ғайриқаноатбахши ҳаққи истифодаи нерӯи барқ изҳори нигаронӣ карда, супориш дод, ки назорат барои ислоҳи камбудиҳо пурзӯр карда шавад.

Дар робита ба пешгирии васлу насби дастгоҳҳои гуногуни худсохти гармидиҳанда ва истифодаи самараноки нерӯи барқ супориш дода шуд, ки то охири соли 2016 тамоми сохторҳои давлатӣ ба системаи гармидиҳанда пайваст карда шаванд.

Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сардори Хадамоти гумрук Абдуфаттоҳ Ғоиб, директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа Сафаралӣ Наҷмиддинов ва директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Рустами Эмомалӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти соҳаҳо дар соли 2015 ҳисобот доданд.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Бонки миллӣ Ҷамшед Нурмуҳаммадзода дар бораи тадбирҳои вобаста ба беҳдошти низоми бонкдорӣ, қурби асъори миллӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, Вазири саноат ва технологияҳои нав Шавкат Бобозода оид ба фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, таъсиси коргоҳҳои нав, Вазири энергетика ва захираҳои об Усмоналӣ Усмонзода, раиси Ширкати Саҳҳомии Холдингии Кушодаи Барқи тоҷик Мирзо Исмоилзода дар бораи вазъи энергетикии мамлакат, тадбирҳо вобаста ба пешгирии талафоти нерӯи барқ ва ҷамъоварии ҳаққи истифодаи барқ, ҳамчунин директори генералии Ҷамъияти саҳҳомии Нерӯгоҳи барқии обии Роғун Хайрулло Сафарзода, Вазири нақлиёт Шералӣ Ганҷалзода гузориш доданд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати кишвар оид ба дастовардҳои соҳаҳо Вазири кишоварзӣ Маҳмадтоир Зокирзода, раиси Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Қодири Қосим, Вазири маориф ва илм Саид Нуриддин Саид ва Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ Нусратулло Салимзода ҳисобот доданд.

Барои рушди соҳаи кишоварзӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва беҳдошти сатҳи хизматрасонии тиббӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дастуру ҳидоятҳои мушаххас дод.

Дар қисмати дуюми маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва Прокурори генералии кишвар шунида шуд.

Зимни ҳисоботи раиси ВМКБ Шодихон Ҷамшед таваҷҷуҳи зиёд ба масоили бунёдкорию созандагӣ, ободонӣ ва хусусан ба барқарорсозии хонаҳои аҳолӣ ва иншооти иҷтимоию зербиноии аз заминларзаи шадиди моҳи декабри соли гузашта осебдида зоҳир гардид.

Ҳамчунин дар назди масъулин доир ба вусъат додани корҳои сохтмонӣ дар иншооти сершуморе, ки дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои ин вилояти дурдаст аз ҳисоби маблағҳои ҷумҳуриявӣ бунёд меёбанд, вазифаҳои мушаххас гузошта шуд.

Дар ҷараёни ҳисоботи раиси вилояти Хатлон Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода аз кам шудани майдони кишти пахта ва ҳосили ин зироати асосии соҳаи кишоварзӣ изҳори нигаронӣ карда шуд. Аз ҷониби раиси вилоят зикр гардид, ки соли равон ин камбудӣ бартараф хоҳад шуд. Аз субвенсияи давлатӣ баромадану ба худтаъминкунӣ гузаштани шаҳри Норак ва ноҳияи Ховалинг натиҷаи арзишманди фаъолият дар соли 2015 номида шуд.

Зимни ҳисоботи раиси вилояти Суғд Абдураҳмон Қодирӣ таваҷуҳи зиёд ба рушди саноат ва ҳунарҳои хонагии мардумӣ зоҳир шуд. Аз ҷумла зикр гардид, ки рушди саноат дар соли 2015 ба 122% баробар шуд ва 136 маркази қолинбофӣ ва адрасбофию атласбофӣ таъсис дода шуд.

Тавре зикр гардид, давоми соли 2015 ислоҳоти замин дар вилояти Суғд ба поён расида, дар заминаи хоҷагиҳои калони кишоварзӣ 42 ҳазор хоҷагии хурди деҳқонӣ таъсис дода шуд.

Аз ҳисоботи раиси вилояти Суғд бармеояд, ки давоми соли 2015 бо харҷи 90 млн. сомонӣ ҳолати 6300 км роҳҳои мошингард беҳтар карда шудааст.

Дар ҳисоботи раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев, аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки рушди иқтисодию иҷтимоии пойтахт дар соли ҳисоботӣ ба андозаи 110% таъмин гардид. Давоми соли 2015 дар шаҳри Душанбе 83 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 2883 ҷойи корӣ ба кор даромадаанд.

Дар назди раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ доир ба афзун намудани нишондодҳои истеҳсолӣ дар бахшҳои картошкапарварӣ, боғутокпарварӣ, сабзавоткорӣ, аз ҷумла бунёди гармхонаҳо ва вусъат додани истеҳсоли сабзавоти барвақтӣ ва ҳамчунин доир ба беҳтар намудани корҳо дар дигар самтҳои фаъолият супоришҳои мушаххас гузошта шуд.

Зимни ҳисоботи Прокурори генералӣ Раҳмон Юсуф вазъи ҷиноӣ дар мамлакат мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор гирифт. Таваҷҷуҳи зиёд ба оқибатҳои ҷинояткорӣ дар миёни ҷавонону наврасон ва ба ҷараёнҳои ифротию террористӣ гаравидани қисмате аз ин табақаи аҳолӣ, ки аз ҷониби гумоштагони ҳизбу ҳаракатҳои ҷиноятпеша ҳадафмандона гумроҳ карда мешаванд, зоҳир гардид.

Мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодию коррупсионӣ, пешгирӣ аз истифодаи ғайримақсаднок ва ғайриқонунӣ тасарруф шудани маблағҳои буҷетӣ низ аз бахшҳои муҳими ҳисоботи Прокурори генералӣ буд.

Дар охир Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон сухан ронда, вазифаҳои аввалиндараҷа ва ҳалталаби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли 2016 мушаххас намуд.

Бори дигар таъкид гардид, ки барои коҳиш додани таъсири омилҳои манфии беруна ба ҳаёти сиёсию фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистони азиз ва таъмини рушди босуботу бонизоми сарзамини аҷдодӣ аз тамоми имкону захираҳои мавҷуда ва нерӯи бузурги мардуми шарифи кишвар пурсамар истифода бояд бурд.

*www.president.tj*



# Нақши Пешвои миллат дар таҳкими мавқеи занон

*Конфронси ҷумҳуриявие, ки рӯзи 25 январи соли равон бо ибтикори Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Душанбе доир гашт, зери унвони "Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими мавқеи занон дар даврони истиқлолият" як гурӯҳ занони шинохтаи кишварро аз шаҳру навоҳӣ ва вилоятҳову маркази ҷумҳурӣ ба ҳам овард.*

**Дар** ин ҳамоиш Марҳабо Ҷабборӣ, муовини Сарвазири кишвар, Хайринисо Юсуфӣ, муовини Раиси Маҷлиси намояндагон, Тағайзода Сумангул Саид, Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Махфират Хидирзода, Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҷумҳурӣ бо суханони ифтитоҳӣ аз нақши боризи фарзанди фарзонаи миллат дар пайдо кардани мавқеву мақоми занон тӯли 25 соли истиқлолияти давлатӣ ибрози назар намуданд.

Дар конфронс тамоми паҳлӯҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, психологӣ ва хонаводагии занон бо маърӯзаҳо ва далелу арқоми саҳеҳ мавриди баррасӣ ва андешаронии ошкорои ширкатдорон гардида, масоили зиёди ҳаёти онҳо гуфтаву шунида шуд.

Дар мавриди таваҷҷуҳи Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон овардаи бонувони кишвар, ки маҳз бо дастгирии Сарвари давлатамон амалӣ гаштаанд, далелҳои ҷолиб овард, ки воқеан шоҳиди ғамхориҳои падаронаи Президенти Тоҷикистон барои пешрафти занон дар ин давраи начандон дури таърихиянд.

Ба қавли муовини Вазири маориф ва илми ҶТ Латофат Назирӣ, соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Президенти кишвар буда, 52 фоизи омӯзгоронро занон ташкил медиҳанд. Дар ин давра маблағгузории соҳаи маориф 13 дарсад афзуда, сатҳи сифатии омӯзгорону кормандони илми кишвар аз ҳисоби бонувон куллан тағйир ёфтааст, қайд намуд ӯ.

Замира Самадова, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатӣ, аз ҷумла қайд кард, ки агар дар соли аввали истиқлолият соҳибкорони мамлакат 60 нафарро ташкил медоданд, айни замон теъдоди онҳо ба 22000 расидааст. Ҳарчанд масъалаи дастрасии занон ба замин то ҳанӯз чун як мушкилот маҳсуб мегардад, вале шуғли занон дар соҳаи кишоварзӣ дастовардҳои зиёдеро дорост. Мавсуф ҳамчунин аз тавсеа додани ташкили шабакаҳои корӣ дар хона ва бе реҷаи корӣ андешаҳои судманде баён дошт.

Академик Муҳиба Яқубова таваҷҷуҳи ҳозиринро перомуни никоҳи хешутаборӣ ҷалб намуда, аз оқибатҳои фоҷиабори ин падидаи номатлуб мисолҳои мушаххас оварда таъкид дошт, ки хешутабории хунии волидайн хатарҳои зиёде ба ирсият дорад Ин амал чандин насли инсонро ба мушкилоти ҷисмиву рӯҳӣ гирифтор карда метавонад. Ӯ аз он изҳори шодмонӣ намуд, ки имрӯзҳо дар назди Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии кишвар ташхиси генетикии одамон имконпазир гаштааст. Онҳое, ки ба ҳаёти оилавӣ қадам гузоштанӣ мешаванд, ё дар дигар мавридҳои зарурӣ, зимни чунин ташхисҳо акнун кулли бемориҳои ирсиро дар силсилаи насаб муайян карда метавонанд.

Раъно Бобоҷониён, муовини Раиси ҲХДТ, доир ба ҷиддияти масъалаи оиладорӣ барои мардуми Шарқ ва зарурати аз ҷониби Президенти Тоҷикистон эълон шудани Соли оила ҳарф зада, мақсади асосии ин иқдомро дар мустаҳкамшавии оилаҳои тоҷикистонӣ маънидод кард. Мавсуф ҳамзамон аз таъсири хушунат дар оиладории тоҷикӣ ва объекту субъектҳои ин раванди номатлуб дар ҷомеа ҳарф зад. Зимни суханронӣ ӯ ҳамчунин қайд намуд, ки муҳим аст ҳудудҳои таҳаммулпазириро дар оиладорӣ дақиқу муқаррар созем, то он ба фоҷиа набарад, ҳамчуноне ки дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд рух дода буд. Ба андешаи ин бонуи сиёсатмадор ва олим дар ҳоле, ки зӯроварӣ боиси марг мегардад, аз таҳаммул дида талоқ роҳи беҳтарест. Зеро институти оиладорӣ хеле масъалаи душвору пешбинишавандаест, ки мутаассифона на ҳамеша онро мушкилоти дар доираи қонун танзим кардан даст медиҳад.

Ҳозиринро суханрониҳои рӯҳшиноси машҳури кишвар Маҳмадулло Давлатов ва олими ҷавон Сайфиддин Расулзода, сахт мутаассир намуд. Ин ду олим ва намояндаи Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати ҷумҳурӣ Наҷмиддин Салимов, зимни суханронии хеш аҳли нишастро боз сари масъалае оварданд, ки мутаассифона масъулияти оила ҳамеша бори дӯши ҷинси латиф асту мавриди таваҷҷуҳи ками ҷинси шариф.



ба масоили то ба ҳол пурра истифода нашудани донишу малака ва қувваю истеъдоди занон дар кишвари мо ҳарф зада, ҳамчунин Сумангули Саид зимни суҳбати хеш аз нақши Сарвари давлатамон дар баҳам омадани мардуми парешони замони нобасомониҳо таъкид дошта, аҳли нишастро ба он даъват намуд, ки аз ин ғамхориҳои барои рушди занон созгор онҳо бо шукргузорӣ истифода намоянд.

Гавҳар Шарофзода, раиси Кумитаи забон ва истилоҳот бошад, перомуни нигаҳдорандаи забон будани модарон ва чун мероси гаронбаҳо тӯли асрҳо онро ба фарзандон таълим додану бо парасториву ғамхории модарон зинда мондани забони тоҷикӣ сухан гуфт. Мавсуф дар мавриди 225 миллион истифодабаранда доштани забони порсии дарӣ, забони тоҷикии мо ва дар раддаи сенздаҳум қарор доштани забони модарии мо миёни 6 ҳазор забонҳои олам ва дар қатори 100 забони давлатӣ ҷойгузин будани он чун забони давлатӣ далелҳои ҷолиберо пешкаши аҳли нишаст намуд.

Муовини аввали раиси Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Тоҷикистон Марҳабо Латифӣ бошад, дар маърӯзаи худ аз дастовардҳои тӯли солҳои истиқлолият ба даст

Аҳли нишаст ҳар кадоме аз нақши муассири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими мавқеи занон дар мисоли фаъолияти бонувон дар коргоҳи хеш баёни ақидаву назар намуда, ҳамагон ба он хулоса омаданд, ки то замони истиқлолият ҳеҷ гоҳе занон дар ин поябу мақоми эътироф набуданд.

Оре, воқеияти мавқеи иҷтимоиву сиёсии занони кишвари мо чунин асту онро танҳо аз шарофати дастгириҳои сиёсати давлатӣ метавон дарёфт ва мо бонувонро месазад, ки ин боввариро дар чунин сатҳи олӣ боз ҳам сазовор бигардем, то битавонем мавқеи боз ҳам сазовортару устувортареро соҳиб бишавем.

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

## АНДЕШАҲО ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ

**Сокинони мамлакат Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо рӯҳбаландии том шунида, ҷонибдории худро аз сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлат бо мамнунӣ изҳор медоранд:**



**-НАЗИРӢ ЗАРИФ ВАЛИЗОДА, РАИСИ НОҲИЯИ Б.ҒАФУРОВ:**

-Худро хушбахт аз он меҳисобам, ки Паёми навбатии Пешвои миллатро бори нахуст бевосита дар толор нишаста гӯш кардам. Ман ба чунин хулоса омадам, ки Паёми имсола бо назардошти мушкилоти на танҳо ба сари мардуми ҷумҳуриамон пешомада, балки давлатҳои ҷаҳон - буҳрони шадиди молиявӣ аз ҷониби Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа шуд. Метавон гуфт, ки Паёми Сарвари давлат чун солҳои пешин як дастури раҳнамо ба кору фаъолият ва зиндагиамон аст. Хусусан, таъкиди Роҳбари давлат: **"Ҳамаи мо вазифадорем, ки бо шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва сулҳу оромии кишвар, ба хотири фардои неку ободи Ватанамон ҳарчӣ бештар заҳмат кашида, Тоҷикистони маҳбубамонро боз ҳам ободу зебо гардонем"**, шахсан маро, ки аз оғози фаъолияти сарвариам ба ноҳия рӯзҳои башумор гузаштаанд, хеле руҳбаланд сохт ва тасмим гирифтам, ки баҳри иҷрои ин дастури Роҳбари давлат тамоми чораҳоро меандешам.



**ТОҲИР ҚУДРАТОВ, СОХТМОНЧӢ:**

Ҳадафи асосии Паём дар маҷмӯъ ба ободиву шукуфоии Ватан тавассути сохтмону ба истифода додани иншоотҳои ҳаётан муҳим равона шудааст. Бо дарназардошти вазъи имрӯзи ҳассоси ҷаҳонӣ Президенти мамлакат, чунин таъкид намуданд: **"Аз аъзои Ҳукумат, ҳамаи роҳбарону масъулон, хизматчиёни давлатӣ, кормандони сохтору мақомоти давлатӣ ва корхонаву муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, инчунин аз ҳар фарди бонангу номус ва ватандӯсти кишвар, аз ҷумла, шумо вакилони муҳтарам тақозо мегардад, ки дар чунин даврони таърихӣ аз ҳарвақта бештар масъулиятшинос бошед".**

Ин гуфтаҳо баробари дигарон мо сохтмончиёнро низ вазифадор месозад, ки сифатнокии корҳои сохтмониро таъмин намоем, дар иҷрои вазифа ва рисолати хеш масъулиятшинос бошем. Корҳои созандагиро вусъат бахшем. Имсол ба буҳрони шадиди молиявию иқтисодӣ нигоҳ накарда мо ба маблағи 55 млн. 980 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмониро ба нақша гирифтаем. Ният дорем, дар соли ҷашни мубораки кишвар- 25-солагии Истиқлолияти давлатии ҷумҳурии азизамон онро пурраву барзиёд ба иҷро расонем.



**СОБИРҶОН СОБИРОВ, ТАБИБ:**

-Ба андешаи ман Сарвари давлат дар Паёми навбатӣ дар мавзӯи тандурустӣ назар ба Паёмҳои пешин бештар ҳарф зада, аз дастоварду мушкилот ва муаммоҳои мо кормандони соҳаи тиб бо мисолҳои дақиқ ёдрас шуданд. Хусан суханони Пешвои миллат: **"дар даҳ соли охир сатҳти гирифторшавӣ ба бемориҳои сироятӣ ба ҳисоби миёна 24 баробар, аз ҷумла нишондиҳандаи бемории сил 17 фоиз коҳиш ёфтааст",** шахсан маро ҳамчун табиб хеле хурсанд кард. Албатта ин дастовард аз ҳисоби дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аст, ки қисми бештари буҷети кишвар ба соҳаи тандурустӣ равона карда мешавад. Аз ин рӯ, бо рӯҳбаландӣ аз Паёми Ҷаноби Олӣ соли равон мо ҷомеи меҳнатии табибони беморхонаи клиникавии вилояти Суғд тасмим гирифтем, пеш аз ҳама шароити мусоиди табобатро фароҳам орем.



**МАЪРУФШЕХ ХОЛШЕХОВ, ОМӮЗГОР:**

-Дар Паёми навбатӣ соҳаи маориф мавриди таҳлили амиқи Сарвари давлат қарор гирифт . Албатта, ин бесабаб нест. Пеш аз ҳама мо омӯзгоронро ба андозаи 10 фоиз назар ба соли 2015 афзун гардидани маблағгузории соҳаи маориф дар соли равон хеле мамнун кард. Иловатан мо хурсанд аз он ҳастем, ки соҳаи ҳаётан муҳим-маориф ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои рӯзафзуни Пешвои миллати мо буд, ҳаст ва хоҳад монд. Тавре дар Паёми навбатии хеш Ҷаноби Олӣ дастур доданд: **"Масъулони соҳаи маориф вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати таҳия ва ба баррасии Ҳукумати кишвар пешниҳод намудани "Консепсияи таҳсилоти муттасил барои солҳои 2016-2022" чораҷӯӣ карда, барои роҳандозӣ намудани чунин шакли таҳсилот тадбирҳои иловагӣ андешанд".**

*саҳ. 4*

Минбари халқ
27 январи соли 2016,
№4 (1036)

# НЕРӮИ СОЗАНДАИ ҶАВОНОНРО БА МАНФИАТИ ДАВЛАТ РАВОНА СОЗЕМ

***Паёми имсолаи, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли ҳамеша фарогири муҳимтарин масъалаҳои ҷомеъа буда, дурнамои рушди кишварро дар тамоми самтҳо барои як сол муайян месозад. Дар Паёми имсола дар радифи масоили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ба авзои сиёсии ҷаҳону минтақа ва таъмини амнияту осоиштагии кишвар таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид.***

**Пӯшида** нест, ки раванди сиёсии ҷаҳон имрӯз ба куллӣ тағйир ёфта, ҳадафҳои геополитикӣ ва геостратегии баъзе давлатҳои абарқудрат авзои маъмулан ороми кишварҳои Ховари Миёна ва Наздикро халалдор сохтааст. Ин дахолатҳои ҳадафмандона боиси хароб шудани иқтисоди ҷаҳонӣ, кушта шудани садҳо ҳазор ва тахриби манзилу рӯ ба муҳоҷирати иҷборӣ овардани миллионҳо аҳолии осоишта гардидааст. Ҷаноби Олӣ дар Паёми худ омилҳо ва сабабҳои пайдоиши ин зуҳуротро ҳамаҷониба таҳлил намуда, роҳҳои пешгирии таҳдиди ин хатарро ба кишвари мо шарҳу тавзеҳ доданд. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар Паём зикр гардид, ин дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ ва ватанпарастӣ тарбия намудани ҷавонони мост, ки ояндаи кишвар аз интихоб ва тарзи тафаккури онҳо вобаста аст.

Барои он ки ҷавонон воқеъан ҳам тақдири ояндаи миллатро ба даст гиранд, Тоҷикистони соҳибистиқлолро соҳибӣ кунанд, самимона дӯст доранд ва аз он ифтихор намоянд, ба истилоҳи дигар ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандорӣ дар замирашон парвариш ёбад, мо бояд кадом корҳоро ба анҷом расонем?

Нахуст бояд дарк кунем, ки муҳаббати самимӣ ба Ватан ва худшиносии миллӣ худ аз худ ба вуҷуд намеояд. Бахусус дар ҳоле ки мафкураҳои зиддимиллию экстремистӣ ба муқобили он дар ҳоли муборизаи беамон қарор доранд. Зеро мафкураҳои зиддимиллӣ барои он зидди миллату давлат ҳастанд, ки мафҳуми ватану миллат ва худшиносиву худогоҳӣ барои онҳо қабл аз ҳама арзиш надорад. Ба мафкураи онҳо арзишҳои дигареро талқин намудаанд, ки тафаккури миллӣ ва арзишҳои фарҳангии суннатиро комилан эътироф намекунад. Ин қабил ҷавонони ноогоҳ аслан қобилияти мустақилона фикррониро надоранд ва мисли ноқил ақоиду тасмими ғаразноки дастандаркорони хориҷаро паҳн мекунанд ва мутаассифона боиси заҳролудшавии мағзи дигар ҷавонон мегарданд.

Ба андешаи мо ин нуктаро ҳамеша дар мадди назар дошт ва дар мубориза бо ақоиду афкоре, ки зидди миллати мо тарҳрезӣ шудаанд, бояд омодагии ҷиддӣ гирифт.

Мутафаккири бузург Хемингуэй гуфтааст: "Агар дар оянда ҷанге рух диҳад, он ҷанги байни тамаддунҳо хоҳад буд ва шадидтарин ихтилофу ҷангҳо дар сарҳадди байни тамаддунҳо ба вуҷуд хоҳад омад". Аз назари геополитикӣ Тоҷикистон кишварест, ки дар қалби Осиёи Марказӣ ҷойгир шудааст ва дар марзи азимтарин тамаддунҳои дунё қарор дорад. Ва табиист, ки ҳар кадом аз давлатҳои абарқудрат саъй хоҳанд кард, то манфиатҳои сиёсӣ ва арзишҳои идеологии худро дар давлати навбунёди мо пайгирӣ намоянд. Ҳол он ки аз ҷониби Роҳбарияти олии мамлакат ва Пешвои сиёсии мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ягона роҳи татбиқи идеяҳои низоми давлатдорӣ, яъне бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб гардидааст. Ва ҷавонон дар чаҳорчӯби Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон идеологияи мазкурро, ки бар асоси таҳлилҳои ҳамаҷониба ягона роҳи дурустинтихобнамуда бо дарназардошти хусусиятҳои милливу наждодӣ, урфу одат ва дину ойини мост, бояд дастгирӣ менамуданд. Аммо чӣ чизе боис гардид, ки чунин як идеологияи мукаммал ва қавӣ аз ҷониби баъзе ҷавонон бахусус дар маҳалҳо нодида гирифта шуд?

Гумон мекунам, қабл аз ҳама ин фаъолияти заифи бахши идеологии ҳокимияти маҳаллӣ ва фаъолон аст, ки корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни ҷавонон хеле суст ба роҳ мондаанд ва аксар вақт он муассиру нишонрас нест. Аз ин лиҳоз мо бояд фазои холиро дар бахши тарбияи ҷавонон, ки баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омад, бо дарназардошти талаботи замони муосир пур намоем. Тачрибаи клубу маҳфилҳои гуногун, спартакиадаҳо, аз ҷумла бозиҳои ҳарбии "Зарница", барои мактаббачагон, маҳфили "Кайҳоншиносӣ" "Техникони ҷавон" ва мисли ин метавонанд дар ин иқдом намуна бошанд ва ҷавононро аз хатари тахти таъсири таълимоти иртиҷоӣ мондан, ки аз тариқи шабакаҳои интернетӣ ва маҳфилҳои динӣ сурат мегиранд, эмин доранд.

Яке аз муҳимтарин иқдомҳо Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94 қабул гардидани "Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 октябри соли 2006, № 691 қабул гардидани "Консепсияи корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад.

Мо бояд корро дар доираи ин санад тақвият бахшида, ҷиҳати иҷрои онҳо тадбирҳои самаранок андешем ва бахри дарёфти роҳҳои беҳтару муассиртари таблиғи ғояҳои ватандӯстӣ ҳамеша кӯшиш намоем.

Дар асоси дастуру супоришҳои Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар тамоми ҷузъу томҳои вазорат кор дар самти тарбияи ватанпарастии аскарони ҷавон ба тарзи муассир ба роҳ монда шудааст. Вале дар ин самт муҳим аст, ки ҳамкории ҷузъу томҳои Вазорати мудофиа бо кумитаву идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ҷавонон, занон ва оила, шохаҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ тақвият дода шавад, то дар заминаи кӯшишу талошҳои тавъам натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оянд.

Тарбия таъхирро намепазирад, гуфтаанд. Бо дарки ҳамин нукта агар воқеан мо мехоҳем, ки истиқлолияти кишварамонро таҳким бахшем, Ватани хешро ободу шукуфо ва ҳамрадифи кишварҳои мутараққӣ бинем, ин масъаларо бояд мавриди иҷрои саривақтӣ қарор диҳем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои милат Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки: "Мо бояд ташаббус ва нерӯи созандаи ҷавононро ба манфиати рушди давлат равона созем, кӯшиш намоем, ки ҷавонон дар ҷомеа мавқеи арзандаи худро соҳиб гарданд. Муҳити солими маънавиро дар байни ҷавонон фароҳам орем ва имкон диҳем, ки нерӯи эҷодӣ, илмии онҳо озодона густариш ёбад. Барои рушди иқтисодию иҷтимоии ҷавонон шароити мусоид фароҳам орем…"

Чунки ҷавонони бетаҷрибаву ноогоҳро ҳама гуна қувваҳои ифротӣ метавонанд ба манфиати худ истифода намоянд, онҳоро барои амалӣ намудани ҳадафҳои ғаразноки сиёсии худ таҳрик диҳанд. Инро даргириҳои шаҳрвандии солҳои навадуми асри гузашта дар кишвари мо, ки асосан бо истифода аз нерӯи ҷавонони роҳгумзада ба вуқӯъ пайваст, бо ҳамаи пайомадҳои нохуш собит сохтанд. Мо бояд ба такрори ин ҳодисаи нангин, ки обрӯи тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ поин зад ва боиси ҳалокату тарки Ватан кардани садҳо ҳазор нафар шаҳрвандони мо гардид, дигар роҳ надиҳем.



**Асрор ЛАТИФЗОДА,**
*муовини Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

---

## ФАРМОН ҲИКМАТОВ, РАИСИ ҶАМОАТИ ДЕҲОТИ АЛМОСИИ НОҲИЯИ ҲИСОР:



- Дар Паёми имсолаи хеш Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари бисёр масъалаҳои муҳим, ба соҳаи иҷтимоӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Сардори давлат зикр кард, ки беҳ намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ дар шароити мураккаби буҳрони сиёсию иқтисодии минтақа ва ҷаҳон аз вазифаҳои муҳими Давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад. Новобаста аз таҳдиди буҳрони сиёсию иқтисодии ҷаҳон ва фишори он ба иқтисоди миллӣ, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ таъмин шуда, сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ то 31 фоиз паст гардид ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 3,8 фоиз зиёд шуд.

Рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт, зиёд шудани корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзудани маошу нафақа бозгӯи он аст, ки Давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар муқобили буҳронҳои ҷаҳонию молиявӣ барномаҳои мушаххас доранд ва амалӣ шудани онҳо имкон медиҳад, ки Ватани азизамон боз ҳам ободу шукуфонтар шавад.

Дар Паём зикр шуд, ки бо мақсади рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар ҷумҳурӣ давоми солҳои 2010-2014 50 ҳазор гектар боғу токзорҳои нав бунёд гардида ва бо ҳамин роҳ беш аз 100 ҳазор ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шуд. Дар панҷ соли оянда бояд 20 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд карда шавад.

Солҳои охир симои деҳот ба куллӣ дигаргун шуд. Мардум акнун дар шароити дигар зиндагӣ мекунанд, ки аз 10-15 соли пеш ба куллӣ фарқ дорад. Кас имрӯз ба хонаҳои хуштарҳу замонавии рустоиён, боғҳои меваю токзорҳо, ки дар талу теппаҳо, дар заминҳои лалмӣ бунёд шудаанд, нигариста, шод мешавад. Ҳамаи ин аз баракати даврони истиқлол аст.

Сардори давлат дуруст қайд карданд, ки таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҳунаромӯзӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ ба суботи иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ бевосита таъсир мерасонад.

Ба хотири боз ҳам беҳтар намудани шароити зиндагӣ мо бояд дар ҳамаи самтҳои зиндагӣ сарфаю сариштакор бошем. Ба исрофкорӣ роҳ надиҳем ва фарзандонро бояд дар ҳамин рӯҳия тарбия намоем.

Паёми Роҳбари давлат барои мо-масъулини ҷамоатҳои деҳот, ки ҳамарӯза бо мардум сару кор дорем, дастури роҳнамо аст, ки фаъолияти моро ба танзим медарорад ва дар навбати худ барои амалӣ шудани он нуктаҳое, ки аз мо вобаста аст, саъю талош мекунем.

**Имрӯз ҳар як шахси ватандору ватандӯст зери таассуроти нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.**

# Паём - дастури ҳаёт



**САРДОРИ** давлат натиҷаҳои фаъолиятро дар соли сипаришуда ҳаматарафа таҳлил карда, нақшаҳои фаъолиятро барои соли нав мушаххас намуд. Ҷаноби Олӣ вазъи буҳронии ҷаҳонро вобаста ба харобкориҳои давлати ба ном исломӣ, ихтилофҳои Украинаю Русия болои Қрим, муносибатҳои носолими байни Туркияву Русия бар асари зада афтондани тайёраи ҷангии нерӯҳои низомии Федератсияи Русия, авзои ногувори давлати бо мо ҳамсояи Афғонистон, фаъол гаштани Ҳаракати толибону давлати исломии Шому Ироқ дар қаламрави Афғонистон, вусъат гирифтани зуҳуроти номатлуби терроризму ифротгароӣ ва дар робита ба ин ҳаводис коҳиш ёфтани қимати нафт дар бозори ҷаҳонӣ, поён рафтани қурби сомониву рубли русӣ нисбати доллар ба шондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба зиёда аз 48 миллиард сомонӣ , суръати афзоиши он ба 6 фоиз баробар шуда, сатҳи таваррум 5 фоизро ташкил дод. Сатҳи камбизоатӣ то 31 фоиз паст гардид ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 3,8 фоиз зиёд шуд. Маблағи пасандозҳо дар давоми сол 9 миллиард сомонӣ ё 35 фоиз афзуд.

Президенти муҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар бораи се ҳадафи стратегии мамлакат сухан ронда, таъкид намуданд, ки ин мақсадҳои муҳими мардуми ҷумҳуриро бояд такмил диҳем ва онро ба тарзу услуби нав амалӣ гардонем. Бо мақсади суръат бахшидани корҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои афзалиятнок ва муайян намудани дурнамои минбаъдаи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия гардида, ҳоло дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад.

Дар санади мазкур се ҳадафи миллии қаблан эълонкарда ҳамчун вазифаҳои аввалиндараҷа боқӣ мемонанд ва мо бо азми қатъӣ бояд дарояндаи наздиктарин иҷрои онҳоро таъмин намоем. Пешвои миллат зикр карданд, ки дар давраҳои минбаъда ин ҳадафҳо сифатҳои нав касб мекунад ва асоси онҳоро гузаштан аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан ва таъмин намудани амнияти озуқавориву дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ташкил хоҳад дод.

Раиси ҳукумат Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ба кишвари саноатию аграрӣ табдил додани Тоҷикистон сухан ронда, гуфтанд, ки «мо ин сиёсатро собитқадамона дар амал татбиқ менамоем.» Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳангоми банақшагирии сохтмони корхонаҳои саноатӣ масъалаи ба манбаъҳои ашёи хом наздик ҷойгир кардани онҳо, ҳаҷми зарурии нерӯи барқ, об, роҳ ва дигар инфрасохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ бо истифодаи технологияҳои каммасраф ба инобат гирифта шавад.

Ҷаноби Олӣ зимни ироаи Паём зикр намуданд, ки дар стратегияи рушди минбаъдаи кишвар саноатикунонии мамлакат пешбинӣ шудааст.Ин иқдом ба афзоиши коркарди пурраи ашёи хом, зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар мусоидат карда, барои беҳтар гардидани тавозуни савдои хориҷӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ заминаи воқеӣ фароҳам меорад.

Фикр мекунам, таҷрибаи як қатор ноҳияҳои агросаноатиро ба монанди ноҳияи Шаҳринави мо, ки аз замони шӯравӣ боз дар ин самт ба пешравӣ ноил шуда истодааст, ривоҷу равнақ бахшидан мувофиқи мақсад аст. Танҳо лозим аст, ки механизми фаъолияти чунин корхонаҳоро мутобиқи талаботи замон ба тарзу услуби нав роҳандозӣ кард. Танҳо дар ҳамон сурат мо обрӯи пешинаи чунин иттиҳодияҳоро барқарор карда метавонем. Дар ин самт мо аллакай ба пешрафтҳои қобили мулоҳиза ноил гашта истодаем.

Пӯшида нест, ки маю шароб ва дигар анвои нӯшокиҳои ашрофии корхонаи номбурдаи ноҳия аз ҷиҳати сифату қавинокӣ ва лаззаташон ҳоло ҳам дар ҷумҳурӣ ва минтақа талабгорони зиёде доранд.

Бо вуҷуди ин, дар фаъолияти иқтисодии берунии мо бинобар номутавозин будани истеҳсолоти ватанӣ ҳиссаи воридот нисбат ба талабот то ба ҳол зиёд аст. Аз ин лиҳоз, дар стратегияи сиёсати савдои хориҷӣ дар давраи миёнамуҳлат бояд ба се самти асосӣ - ҳавасмандгардонии содирот, рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва соддагардонии расмиёти савдо аҳамияти хоса дода шавад, таъкид сохтанд Президенти мамлакат.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар зимни ироаи Паём боз ба масъалаҳои дигари муҳими хоҷагии халқи мамлакат дахл намуда, дар мавриди сохтмони роҳу кӯпрукҳо, бунёди боғу токзорҳо, таъмиру тармими роҳҳои дохили хоҷагӣ , бо оби нӯшокии сифатнок таъмин кардани мардум, пешгирии коррупсия, пешниҳоди қарзҳо ва масъулияти баргардондани онҳо, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, содироти он, беҳдошти сифати таълиму тарбия, сарфаи маҳсулот ва ғайра дастуру маслиҳатҳои муфид дод. Дар зимн вазифаи мо аз он иборат аст, ки ҷиҳати иҷрои ин корҳо, ки ба ободонию шукуфоии мамлакат нигаронда шудааст, захираҳои лозимиро пайдо намоем ва маҳорату истеъдоди мардумро сафарбар кунем.



**Исматулло ЗАЙДОВ,**
*узви Комиҷроияи ноҳиявии ҲХДТ, раиси ноҳияи Шаҳринав*

---

**НОДИРА АБДУРАҲМОНОВА, ҲУҚУҚШИНОС:**



- Фарқияти Паёми имсолаи Президенти ҷумҳурӣ назар ба Паёмҳои пешин дар он аст, ки ин навбат ба яке аз масъалаҳои глобалии ҷомеаи ҷаҳонӣ-экстремизму терроризм диққату эътибори махсус дода шуда, Пешвои миллат бо мисолҳои дақиқ сабабҳои пайдоиш, вусъат ва роҳҳои мубориза бар зидди онро ба таври возеҳу равшан нишон додаанд. Дар як вақт Прокуратураи генералии ҷумҳурӣ, Вазорати адлия, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Маркази миллии қонунгузории ҷумҳуриро вазифадор карданд, ки **"муқарраროти Кодекси ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои дахлдорро вобаста ба ин масъалаҳо ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ карда, оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳои зарурӣ ба онҳо ба Ҳукумат хулосаҳои мушаххас пешниҳод намоянд".**

Воқеан ҳам, масъалаи дахлшуда имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро сахт ба ташвиш овардааст. Пешвои миллат дуруст мегӯянд, ки **"террорист Ватан ва дину мазҳаб надорад".** Дар акси ҳол, аламбардорони терроризм ҷавони фирефташударо фатво намедоданд, ки модари хешро сар бурад.

Бонги изтироби Роҳбари давлат қатори дигарон мо ҳуқуқшиносонро вазифадор менамояд, ки баҳри мубориза бар зидди ин зуҳуроти номатлуб ҳама гуна чораҳоро андешем.

**МИРЗО АБДУЛЛОЕВ, РАИСИ ҶАМЪИЯТИ ҚИРҒИЗҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД:**

- Паёми имсолаи Пешвои миллати тоҷик, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро шунида хурсанд аз он гардидам, ки Сарвари давлати тоҷикон ба дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ бо дигар халқияту миллатҳо ва давлатҳои ҳамсоя эътибори ҷиддӣ дода гуфтаанд: **"Мо имрӯз бори дигари эълон медорем, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати "дарҳои кушода", сулҳхоҳона ва беғараз буда, дар роҳи татбиқи он давлати мо омода аст, ки бо ҳамаи кишварҳои дунё робитаҳои дӯстонаро бар пояи эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкории судманд густариш диҳад".**

Ин далели он аст, ки Роҳбари давлат таъмини сулҳу субот,



амнияти мамлакат ва Ваҳдати миллиро дар қаламрави бо дигар халқияту миллатҳо аз вазифаҳои аввалиндараҷаи хеш меҳисобад. Маҳз рисолати созандаву ободгаронаи Пешвои миллати тоҷик буд, ки имрӯз мо - қирғизҳои муқими вилояти Суғд бо тоҷикон дар рӯҳияи дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ ва бародарӣ солҳост, ки умр ба сар мебарем. Ҷамъияти мо тасмим гирифтааст, ки баҳри мустаҳкам намудани дӯстиву рафоқат бо тоҷикон ва дигар халқияту миллатҳои муқими вилояти Суғд маҷмӯи чорабиниҳоро амалӣ созад.

**ҚУРБОНМУРОД УСМОНОВ, МИРОБ:**

-Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз се ҳадафи стратегии Ҳукумати ҷумҳурист, ки марбут ба ин масъала Пешвои миллатамон дар Паёми имсолаи хеш чунин изҳор доштанд: **"Мо шароити бисёр мусоиди табиӣ ва захираву имкониятҳои зарурие дорем, ки дар сурати истифодаи пурра ва самараноки онҳо метавонем аҳолии кишварро бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин кунем, яъне масъалаи амнияти озуқаворӣ-яке аз ҳадафҳои миллиамонро ҳал намоем".**

Пӯшида нест, ки саҳми миробҳо дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат басо калон аст. Аниқтараш, саривақт расонидани об ба марди деҳқон мӯҷиби фаровонҳосилӣ мегардад. Ба шарофати меҳнати софдилонаи кормандони идораи давлатии беҳ-



дошти замин ва обёрии ноҳияи Панҷакент соли гузашта дар ноҳия ҳосили фаровони картошкаву ғалладонагиҳо ва мевагиву дигар зироатҳои кишоварзӣ рӯёнида шуд. Танҳо истеҳсоли картошка ва ғалладонагиҳо аз нақша зиёд мутаносибан 3 ҳазору 785 тонна ва 978 тоннаро ташкил медиҳад.

**«МХ»**

Минбари халқ
27 январи соли 2016,
№4 (1036)

# НАҚШИ БОРИЗУ СОЗАНДАИ ҲХДТ ДАР ҶОМЕА

## ГУЗОРИШИ МУХТАСАР ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБ ДАР СОЛИ 2015

**Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон давоми соли 2015 фаъолияти худро дар асоси дастуру супориш ва ҳидоятҳои хирадмандонаи Раиси муаззами Ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, дар самти татбиқи Барномаи пешазинтихоботии ҳизб, ки муҳимтарин самтҳои пешрафти мамлакатро барои солҳои 2015-2020 муқаррар намудааст, ҳамчунин қарорҳои Анҷумани XII ҳизб, маҷлисҳои КИМ ва Раёсати он як қатор корҳоро ба анҷом расонид.**



**ШУРУЪ** аз миёнаҳои соли 2014 тамоми аъзою фаъолони ҳизб дар марҳилаи омодагӣ ба маъракаи муҳими сиёсӣ интихоботии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ қарор доштанд.

Дар ҷомеаҳои демократӣ афзудани таваҷҷуҳи аҳолӣ ба ҳаёти сиёсӣ ва кӯшиши иштироки онҳо дар чорабиниҳои сиёсӣ ва дигаргунсозиҳои ҷомеа яке аз омилҳои муҳимтарини инкишофи давлат ва рушди ҷомеа маҳсуб мегардад. Аз ин рӯ, боиси хушнудист, ки мардуми шарафманди мамлакат бо фарҳанги рушдёбандаи сиёсӣ дар чорабиниҳои сиёсӣ фаъолона ширкат варзида, мавқеи худро дар интихобот ва маъракаҳои сиёсӣ муайян менамояд. Ин падида дар интихоботи парлумонӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, ки соли 2015 дар кишвар баргузор гардид, баръало ба мушоҳида расид.

Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ва ташкилотҳои минтақавии он тибқи дастури Ҷаноби Олӣ омодагиро ба интихобот ба тарзу услуби нав роҳандозӣ намуд. Дар мувофиқа бо Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кард, ки ҳар кадом ҳизби сиёсӣ бо электорат алоҳида вохӯриҳо ташкил намуда, барномаҳои фаъолияташро муаррифӣ ва таблиғ намояд.

Дар маъракаи пешазинтихоботӣ аз ҷониби кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо вобаста ба омӯзиши қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" зиёда аз 140 семинару мулоқот гузаронида шуд.

Кумитаҳои иҷроияи ҳизбӣ дар давраи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ фаъолияти хуб нишон доданд. Корҳои таблиғотӣ - таҳлилӣ асоси фаъолияти онҳоро ташкил медод. Аз ҷумла, бо иштироки аъзои ситоди кумитаҳои иҷроия, ҷавонон, занони фаъол ва собиқадорони ҳизб семинар-машваратҳо баргузор намуда, дар онҳо масъалаҳои умдаи марбут ба омодагӣ, анҷоми корҳои тарғиботӣ ва риояи маданияти баланди муоширати ҷонибдорон ва масъулони ҳизб мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Чунин семинарҳои машваратӣ-омӯзишӣ дар тамоми шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ баргузор гардида, барои дар сатҳи баланд гузаштани маъракаи интихоботӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати интихобкунандагон таъсири хуб гузошт.

Тибқи нақшаи корӣ дар назди кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби ҷавонон, занон, зиёиён ва собиқадорон дар 4 самт гурӯҳҳои таблиғотию ташвиқотӣ таъсис ёфт, ки ҳамарӯза аъзои ин гурӯҳ дар маҳаллаҳо, корхонаву ташкилот ва минтақаҳои аҳолиаш сернуфус рафта, оид ба муваффақиятҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар, ки таҳти сарварии Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаанд, корҳои таблиғотӣ бурданд.

Чунин услуби кор натиҷаҳои хуб дод ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо аксарияти овозҳо дар маърака пирӯз шуд. Дар ҷараёни интихобот аз шумораи умумии интихобкунандагон, ки 4 миллиону 319 ҳазору 395 нафар буданд, 3 миллиону 791 ҳазору 727 нафар (87,7 %) интихобкунандагон иштирок намуда, ба тарафдории ҲХДТ 2 миллиону 472 ҳазору 267 нафар (65,2 %) овоз доданд.

Ҳамчунин дар 41 ҳавзаи якмандатаи интихоботӣ аз 184 номзади пешбаригардида 35 номзади ҲХДТ дар парлумон соҳиби курсии вакилӣ гаштанд, ки ин аз фаъолияти хуби ташкилотҳои ҳизбӣ дар шаҳру ноҳияҳо дарак медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи нақшаи фаъолияти Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказӣ як маротиба Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб ва ду маротиба маҷлиси Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ баргузор гардида, дар онҳо аз натиҷаҳои интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо натиҷагирӣ карда шуда, дар назди Кумитаи Иҷроияи Марказӣ комиссияҳои доимоамалкунанда таъсис дода шуданд.

Таърихи 4 декабри соли 2015 Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ бо иштироки Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор шуд ва дар он аз фаъолияти ҳизб дар соли 2015 натиҷагирӣ карда шуд. Дар ин Маҷлис самтҳои асосии фаъолияти ҳизб барои марҳилаи минбаъда мушаххас карда шуданд.

Дар соли сипаригардида, Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонони ҲХДТ "Созандагони Ватан" низ як маротиба конференсияи худро доир намуд, ки дар он масъалаҳои интихоби роҳбарияти ташкилот, таъсиси Шӯрои марказӣ, комиссияҳои доимоамалкунанда ва комиссияи марказии тафтишотии ташкилоти ҷавонони ҳизб мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ташвиқу тарғиби бандҳои Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии фаъолияти ҲХДТ- ро ташкил дод. Паёмҳои Сарвари давлат роҳнамои зиндагии шоиста ва ояндаи дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол буда, масъалаҳои ҳаётан муҳими ҷомеаро бо назардошти таҳаввулоти ҷаҳони муосир дар бар мегирифт.

Бо мақсади таблиғи Паём бо иштироки қишрҳои гуногуни ҷомеа зиёда аз 600 вохӯриву мулоқотҳо баргузор гардиданд. Бояд тазаккур дод, ки раванди омӯзиши Паём мавсимӣ сурат нагирифта, давоми сол зери назорати қатъии кормандони ҳизбӣ қарор дошт.

Дастгоҳи КИМ ҲХДТ чунин услуби корро тақвият дода, дар асоси нуктаҳои Паёми дирӯза нақшаи алоҳида таҳия карда, барои татбиқи дастурҳои Паём ба ташкилотҳои ҳизбӣ супориш дод, ки бештар бо мардум вохӯрию мулоқотҳо гузаронда, ҷиҳати татбиқи супоришу дастурҳое, ки аз Паём бармеоянд, тадбирҳои мушаххасро амалӣ гардонанд.

Чуноне ки аз нуктаҳои Паём бармеояд, Соли 2015-ум, бо вуҷуди таъсири буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ва афзоиши фишор ба иқтисоди миллии мо дар натиҷаи заҳмати аҳлонаи мардуми шарафманди кишвар рушди мусбати иқтисодӣ ва устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба зиёда аз 48 миллиард сомонӣ, суръати афзоиши он ба 6 фоиз баробар шуд ва сатҳи таваррум 5 фоизро ташкил кард.

Сатҳи камбизоатӣ то 31 фоиз паст гардид ва Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 3,8 фоиз зиёд шуд. Маблағи пасандозҳо дар давоми сол 9 миллиард сомонӣ ё 35 фоиз афзуд.

Нишондиҳандаҳои зикршуда ба идома пайдо кардани тамоюли беҳтар гардидани вазъи демографӣ ва тандурустии аҳолӣ мусоидат намуданд, ки дар натиҷа умри миёнаи шаҳрвандон ба 73,5 сол расид ва шумораи фавти модарону кӯдакон нисбат ба солҳои пешин хеле коҳиш ёфт.

Нишондиҳандаи фавти модарон ҳангоми таваллуд дар панҷ соли охир 1,6 баробар ва фавти кӯдакон 2,5 баробар кам шудааст.

Соли 2015 дар доираи барномаҳои давлативу соҳавӣ беш аз 205 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд. Нишондиҳандаи қарзи давлатӣ соли гузашта нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 27,9 фоизро ташкил кард, ки ин рақам тибқи меъёрҳои байналмилалии вобаста ба идоракунии қарз нишондиҳандаи муътадил ба ҳисоб меравад. Дар ин бобат нақши аъзои ҳизб қобили таъкид мебошад.

Барои иҷрои дастури Ҷаноби Олӣ дар бораи ташкили Шӯрои собиқадорони ҳизб ҷаласаи тадорукотӣ гузаронда, онро дар ҳайати 39 нафар таъсис дод ва роҳбарияти онро интихоб кард. Чуноне ки Раиси ҳизб таъкид намуд, "Мо бояд нисбати собиқадорони ҳизб бетафовут набошем. Таҷрибаи онҳоро ҳамаҷониба истифода карда, дар синни нафақа нисбати онҳо ғамхорӣ зоҳир кунем. Бояд собиқадорон дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ муттаҳид карда шаванд ва дар мактаби маҳорату истеъдодашон кадрҳои ҷавон тарбия гиранд."

Вобаста ба талаботи Низомнома ин ниҳоди ҷамъиятии ҳизб фаъолияти худро дар ҳамкории зич бо Дастгохи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

Дар давоми соли 2015 яке аз самтҳои асосии фаъолияти Дастгоҳи марказии ҳизб ва кумитаҳои иҷроияи ҳизбиро дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо бахшида ба идҳои миллӣ ва санаҳои таърихӣ ташкил дод. Дар доираи онҳо ҳамкории кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вакилони халқ, соҳибкорону саховатмандон, муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсуси таълимӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо боз ҳам тақвият ёфт.

Дастгоҳи КИМ ҲХДТ бо мақсади фаъол кардани шабакаҳои иҷтимоӣ, тайёр намудани варақаҳо, тақвимҳо, буклетҳо, дигар маводҳои чопӣ ва истифодаи технологияи муосир дар давраи интихобот корҳои мушаххасро анҷом дод. Барои тақвияти фаъолият тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба кори ҳизб дар шакли китоби руйимизӣ барои сохторҳои поёнии ҳизб ба теъдоди 5000 нусха чоп ва ба тамоми кумитаҳо ва ташкилотҳои ибтидоӣ тавзеҳ гардид.

Дастгоҳи КИМ дар соли ҳисоботӣ барои ҳавасманд гардонидани раисони ташкилотҳои ибтидоӣ иқдоми навро амалӣ карда, онҳоро бо роҳхати ройгон ба осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои ҷумҳурӣ сафарбар намуд. Ҳамин тариқ, дар давоми сол 30 нафар фаъолони ҳизб дар осоишгоҳҳо истироҳат ва табобат гирифтанд.

Дар асоси дастури Раиси ҲХДТ омӯзиши серӯзаи вакилони маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, ки аъзои ҲХДТ мебошанд, ба роҳ монда шуд. Дар даври якум 510 нафар вакилони 13 шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ ба бозомӯзӣ фаро гирифта шуданд. Тибқи нақша вакилон дар се бахш: ҳуқуқ, иқтисод ва идоракунии маҳаллӣ донишҳои худро такмил доданд. Чорабинии мазкур дар минтақаҳои ВМКБ, Хатлон, Суғд ва шаҳри Душанбе то ҳоло идома дорад.

Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон шудани соли 2015 "Соли оила" Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ як қатор чорабиниҳоро низ доир намуд. Аз ҷумла ҳамоиши бонувони ҳизбӣ "Оила-макони меҳру муҳаббат" дар вилояти Суғд бо фарогирии 8 шаҳру ноҳия, дар вилояти Хатлон бо фарогирии 10 шаҳру ноҳия, ҳамчунин дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе баргузор гардид. Дар доираи ҳамоиш Мизи мудаввар, вохӯриҳо бо оилаҳои обрӯманд, аёдати собиқадорон, чорабиниҳои фарҳангӣ гузашт. Ҷамъбасти ҳамоиши бонувон бо конференсияи умумиҷумҳуриявии "Оила-марзи муҳаббат, на ҷойи хушунат" бо иштироки сохторҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва пешниҳоди таклифу дархостҳо сурат гирифт.

Дар асоси пешниҳоди занони хонашин дар маҳаллаҳои "Яккачинор", "Автовокзал" ва "Дӯстӣ" бо дастгирии сафорати Хитой мошинҳои дӯзандагӣ дастрас гардида, занон дар хонаҳои худашон бо машғулият фаро гирифта шуданд.

Ҳамчунин барои роҳандозии тарзи ҳаёти солим дар мактаб-интернати шаҳри Душанбе чорабинии варзишии "Ман, падар, модар-оилаи варзишгар" бо фарогирии оилаҳои маъюб гузаронида шуд, ки мақсади ниҳоии он гирифтани пеши роҳи никоҳи хешутаборӣ мебошад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар соли сипаригардида ба масъалаи тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи мафкураи миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои таърихию фарҳангӣ, таблиғи дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, тақвияти рафоқату дӯстии миёни ҷавонон, муттаҳид намудани онҳо зимни ба вуҷуд омадани хатар ба амнияти давлатию миллӣ атрофи ғояҳои миллии пешниҳоднамудаи Президенти кишвар, бахусус, ғояи "Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол- Ватани маҳбуби ҳар яки мо", инчунин бо назардошти вазъи имрӯзаи минтақавию ҷаҳонӣ огоҳ намудани ҷавонон аз мақсадҳои нопоки ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунию ифротӣ ва ғайра аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир намуд.

Бо ибтикори кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд маросими супоридани шаҳодатномаҳои хатмкунандагони марҳилаи чоруми курси захиравии кадрҳои ҷавони назди Кумитаи иҷроияи вилоятии ҲХДТ ва мукофотпулии кумиҷроияи вилоятии ҳизб ба олимони ҷавон баргузор гардид. Дар он хамткунандагони курс, барандагони идрорпулӣ аз мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус, аъзои фаъоли ТҶҶ "Созандагони Ватан", сокинони фахрии шаҳри Хуҷанд ширкат доштанд.

Дар вазъияти тантанавӣ ба 5 нафар олимони ҷавони вилоят, ки аз донишгоҳҳои шаҳрҳои Чкалов ва Хуҷанд сазовори мукофотпулии КИВ ҲХДТ гардида буданд ва ба 47 нафар хатмкунандагони курсҳои захиравии назди Комиҷроияи вилоятии ҲХДТ шаҳодатнома ва мукофотпулиҳо супорида шуд.

Пешбурди дурусти сиёсат ва роҳандозии низоми зиндагии иҷтимоӣ дар таҳкими андеша, ҷаҳонбинӣ, сулҳу субот, тафоҳуми сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии инсонҳо нақши муҳим дорад. Дар ин росто ҲХДТ дар якҷоягӣ бо олимону фарҳангиён дар мавзӯъҳои "Роҳу усулҳои муосири корҳои таблиғотӣ-ташвиқотӣ миёни электорат", "Моҳияти ислоҳоти ҳуқуқӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд", "Фаъолият дар заминаи омӯзиши мактабшиносии муосири аврупоӣ ва моделҳои нави маърифатӣ-илмӣ" як қатор корҳои ташвиқотию таблиғотиро анҷом дод.

Дар давоми соли 2015 яке аз самтҳои асосии фаъолияти Дастгоҳи марказии ҳизб ва кумитаҳои иҷроияи ҳизбӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо бахшида ба идҳои миллӣ ва санаҳои таърихӣ буд. Боиси хурсандист, ки дар доираи онҳо ҳамкории кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вакилони халқ, соҳибкорону саховатмандон, муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсуси таълимӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо боз ҳам тақвият ёфт. Аз ҷумла, бахшида ба Рӯзи Артиши миллӣ, Рӯзи модар, Иди байналмилалии Наврӯз, Рӯзи Оила, Рӯзи Шашмақом, Иди Ғалаба, Рӯзи Ҷавонони Тоҷикистон, Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдак, Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Рӯзи истиқлолият, Рӯзи Конститутсия, Рӯзи Парчами давлатӣ дар ҳамаи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо чорабиниҳои оммавӣ-фарҳангӣ доир гардиданд.

Дар асоси нақшаи корӣ Дастгоҳи КИМ ҲХДТ моҳи августи соли равон бахшида ба ҷашни 3000- солагии Ҳисор дар мавзӯи "Нақши Ҳисори Бостон дар тамаддуни ҷаҳонӣ" конфронси илмӣ-амалӣ баргузор намуд, ки дар он олимону донишмандон фаъолона иштирок намуда, маърӯзаҳо ироа карданд.

Дар давраи ҳисоботӣ оид ба фаҳмонда додани бандҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат", "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Низоми нави имтиҳонсупорӣ мунтазам корҳои тарғиботию ташвиқотӣ бурда шуданд.

Муносибатҳои байналмилалии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳам дар сатҳу сифати нав тақвият дода шуд. Муовини аввали Раиси ҲХДТ С. Фаттоҳзода дар арафаи интихобот ва баъди он бо коршиносони интихобот аз Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо, сафирони як қатор кишварҳо ба монанди Русия, Чин, Белорусия ва ғайра мулоқотҳо анҷом дод. Сафари кории як ҳайати ҳизбӣ ба Ҷумҳурии мардумии Чин сурат гирифт. Коршиносони хориҷӣ воқеан ҳам аз камфаъолиятии дигар ҳизбҳои сиёсӣ дар маъракаи интихоботии Тоҷикистон ошкоро сухан гуфтанд.

Таваҷҷуҳи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ бағоят калон мебошад. Вобаста ба ин, ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ниҳодҳои муҳоҷиратии Федератсияи Россия, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва диаспораҳо ҷиҳати мусоидат ба мутобиқгардонии муҳоҷирон ба шароити мамлакат, будубош, пешгирии гароиши шаҳрвандони мо ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, коҳиши таъсири қувваҳои беруна ва мусоидат дар риояи кафолатҳои ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ яке аз самти афзалиятноки фаъолияти ҳизб мебошад.

Ҳамкориҳои мо бо ташкилотҳои дигари ҷамъиятӣ ба монанди Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон, ташкилоти ҷамъиятии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон "Пайванд" таҳким ёфтанд. Дар давоми сол ин созмонҳо муштаракан як қатор чорабиниҳо гузаронда, сиёсати созандаи давлату ҳукуматро дар миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа таблиғу ташвиқ намуданд. Таблиғу ташвиқи Асосгузори сулҳу ваҳдат - Пешвои миллат дар миёни мардум вокунишҳои гарму самимиро ба миён овард.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва созмони ҷавонони он "Созандагони Ватан" ҳодисаи дар аввали моҳи сентябр дар қаламрави кишвар ба вуқуъпайваста, хиёнати гурӯҳи низомиёнро бо сарварии генерал Ҳ. Назарзода ва ҳаводорони онро маҳкум намуданд. Инчунин ба хотири пешгирӣ аз овозаҳои беасос чораҳои фаҳмондадиҳиро дар миёни аҳолӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ густариш бахшиданд. Танҳо дар ҳамин марҳила роҳандозии чандин чорабиниҳои оммавӣ маҳз ба хотири аз байн бурдани чунин ҳолатҳо роҳандозӣ карда шуд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба ҳайси сарпарасти маънавии Нерӯгоҳи барқии обии Роғун шинохта шуда, аъзои фаъоли он дар сохтмони ин иншооти муҳими аср саҳми муносиб гузошта истодаанд. Дастгоҳи КИМ ҲХДТ бо мақсади рӯҳбаланд намудани кормандони иншооти бузурги аср ҳамасола дар макони сохтмон барномаҳои фарҳангӣ баргузор менамояд. Соли 2015 низ чунин иқдом дар арафаи Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки гурӯҳе аз адибон ва ҳунармандони Муассисаи давлатии гурӯҳҳои эҷодиву ҳунарии назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, оркестри эстрадии "Гулшан" ва ансамбли "Ҷаҳоноро" доир карда шуд.

Бахши иттилоотӣ ва матбуотии Дастгоҳи ҳизб фаъолияти худро дар ҷараёни таҳаввулоту рӯйдодҳои кишвар, минтақа ва ҷаҳон роҳандозӣ намуда, фаъолияти ташкилотҳои ҳизбиро ба таври густурда ташкил карда истодааст. Ҳар як чорабинии ҳизбӣ сари вақт дар расонаҳои ҳизбӣ ва расмию хусусӣ инъикос карда мешавад. Сомонаи ҲХДТ бо номи "hamsafon.tj", ки дар соли ҳисоботӣ навсозӣ шуд, бо маводҳои ҷолиб фарогир шуда истодааст. Дар як қатор нашрияҳо мақолаҳои Муовини якуми Раиси ҳизб С. Фаттоҳзода ба нашр расиданд.

Нашрияи "Минбари халқ" ҳамчун воситаи асосии таблиғотии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои нақшаи корӣ, ба маводи интиқодии бебунёд, пешгирии ҳама гуна ангезаҳои номатлуби ҷомеа ва ақидаҳои носолими мухолифини сиёсӣ, ки дар шабакаҳои интернетӣ ва ВАО ба нашр мерасанд, вокуниши фаврӣ нишон дода, дар бораи аҳамияти таърихии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақвияти арзишҳои ватандорӣ, худшиносӣ, эҳтироми суннатҳои миллии мардум ва таблиғу ташвиқи дастовардҳои даврони истиқлолият дар ҳама самту соҳаҳо маводу мақолаҳои зиёд ва ҷолибу хонданиро нашр кард.

Иқдомҳои хайрияи ташкилотҳои ҳизбӣ дар саросари мамлакат тавсеа ёфта, ҳар як созмон назар ба имкониятҳои молиявии худ ба эҳтиёҷмандон дасти кӯмак дароз менамояд. Масалан, дар рӯзҳои ҷашнгирии Иди байналмилалии Наврӯз бо дастгирии фаъолон ва ҷонибдорони ҲХДТ хатнасури зиёда аз 3550 кӯдак аз оилаҳои ниёзманд ва тӯйҳои хонадоршавии зиёда аз 210 ҷуфти ҷавон аз оилаҳои камбизоатро барпо карданд. Ҳамчунин ба зиёда аз 4100 оилаҳои ниёзманд дар шакли маводи хӯрока ёрии моддӣ ва ба 512 нафар собиқадорони ҷангу меҳнат кӯмаки яквақтаи молиявӣ расонида шуд.

Агар шумораи аъзои ҲХДТ то 1 январи соли 2015 -ум 251 ҳазору 929 нафарро ташкил медод, то 1 январи соли 2016 шумораи аъзои ҲХДТ ба 391 ҳазору 751 нафар расида, дар ин давра 139 ҳазору 822 нафар шаҳрвандон узвияти ҲХДТ-ро пазируфтаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аъзои ҳизб аз ҳисоби занон 69 ҳазору 834 нафар зиёд гардида, шумораи аъзои ҳизб аз ҳисоби занон ба 182 ҳазору 282 нафар расидааст. Аъзои ҳизб аз ҳисоби ҷавонон бошад 155 ҳазору 466 нафарро ташкил дода, дар ин давра аъзои ҳизб аз ҳисоби ҷавонон 85 ҳазору 528 нафар зиёд гардидааст.

Аз шумораи умумии аъзои ҲХДТ (391751) нафарони дорандаи маълумоти олӣ 148336 нафар, маълумоти олии нопурра 40417 нафар, маълумоти миёнаи махсус 93898 нафар ва маълумоти миёна 106158 нафар мебошанд. Ҳоло 15 ҳазору 374 нафар дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад.

Дастгоҳи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани дастуру супоришҳои Президенти мамлакат, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нуктаҳои Паёми имсола ба Маҷлиси Олӣ, ҷашни Ваҳдати миллӣ, 25-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва дигар санаҳои муҳими кишвар нақшаи чорабиниҳо тартиб дода, барои татбиқи он тадбирҳои мушаххасро амалӣ карда истодааст.

**Дастгоҳи Кумитаи**
**Иҷроияи Марказии ҲХДТ**



# ИҚДОМОТИ АМНИЯТИИ РӮЗИ ЯКШАНБЕ ТАНҲО ЯК ТАМРИН БУД

***Мақомоти расмӣ гуфтанд, ки чораҳои шадиди амниятии рӯзи якшанбе дар кишвар "тамрини нерӯҳои интизомӣ" буд ва ҷое барои ташвишу нигаронӣ надорад.***

**РАМАЗОН** Раҳимзода, Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон дар нишасти хабарии 25 январ гуфт: - Ин танҳо як тамрин буд ва ягон асос барои нигаронӣ вуҷуд надорад. Тамрини ахири нерӯҳои вазорат вобаста ба таҳдидҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ, аз ҷумла бо дарназардошти сар задани ҳодисаҳои терроризм ва ифротгароӣ дар баъзе аз кишварҳо анҷом гирифт ва мақсад ин аст, ки мақомот ва воҳидҳои қудратӣ ба ҳамагуна вазъият омода бошанд.

Шарҳи Вазири корҳои дохилии ҶТ дар ҳоле аст, ки рӯзи якшанбеи гузашта (24 январ) дар бахшҳое аз шаҳри Душанбе, аз ҷумла дар минтақаҳои Кӯҳдоман, Ховарон, ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Қиблай, Роҳатӣ, Гулистони ноҳияи Рӯдакӣ ва инчунин дар даромадгоҳҳои пойтахт тадбирҳои амниятӣ тақвият шуда ва кормандони воҳидҳои Вазорати корҳои дохилӣ бо силоҳ ҳаракати воситаҳои нақлиётро ҷиддан тахти назорат гирифта буданд.



Шоҳидон мегӯянд, чунин иқдомот дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳои дигари Тоҷикистон ҳам он рӯз мавриди иҷро қарор гирифта будааст.

Он рӯз дар пойтахт кормандони ниҳодҳои интизомӣ дар назди биноҳои идораҳои давлатӣ ва хиёбону роҳҳои калон нисбат ба рӯзҳои дигар бештар ба назар мерасиданд.

Вазири корҳои дохилӣ овозаҳо дар бораи фирори гӯё беш аз 10 корманди нерӯҳои воҳиди махсуси "Алфа"-ро дар Бадахшон аз макони хидмат ва рабт доштани амалиёти густурдаи нерӯҳои вазорат ба ин ҳодисаро рад кард ва гуфт, ки тақвияти тадбирҳои амниятӣ дар Душанбе ва ноҳияҳои дигари кишвар, ки рӯзи 24 январ сурат гирифт, танҳо санҷиши ҳолати омодагии нерӯҳои дохилӣ буд.

Р.Раҳимзода изҳор дошт, ки мақомот минбаъд низ чунин санҷиш, рейд ва амалиёти омодагиро хоҳанд гузаронд ва он набояд боиси безобита шудану афзудани ташвиши мардум гардад: - Ин як иқдоме барои таҳкими сатҳи тайёрии мақомот ва воҳидҳо барои таъмини бехатарии шаҳрвандон аст ва сабабе барои таҳлукаю безобиташавӣ нест".

**С. ЮСУФОВ**



# ИСТЕҲСОЛИ ПАХТА КАМ ШУД

***Пахта яке аз ду маҳсулоти асосии содиротии Тоҷикистон аст, ки дар соли 2015 нисбат ба соли пеш 99 ҳазор тонна камтар истеҳсол шудааст.***

**ВАЗИРИ** кишоварзии Тоҷикистон Муҳаммадтоир Зокирзода рӯзи 22 январ зимни нишасте ба хабарнигорон гуфт, ки хоҷагиҳои кишоварзии мамлакат дар соли гузашта 270 ҳазору 41 тонна пахта истеҳсол карданд, ки нисбати соли 2014 99 ҳазор тонна кам аст.

Вай зимни шарҳи сабабҳои коҳиши ҳаҷми ин маҳсулоти стратегӣ чанд омилро зикр кард. Ба гуфтаи ӯ, поин рафтани нархи нахи пахта дар бозори ҷаҳонӣ, дар таносуб ба солҳои дигар гарм омадани ҳаво дар минтақаҳои пахтакор, аз ҷумла дар ноҳияҳои водии Вахш, гарон шудани нархи нуриҳои минералӣ ва кимиёӣ аз сабабҳое буданд, ки ба натиҷаи ниҳоии кори кишоварзон дар ин соҳа таъсир гузоштанд.

Вай ёдовар шуд, рамзгузорӣ (кодировка)-и нархи пахта, ки дар солҳои 2010-2011 боло рафта буд, мутаассифона дар солҳои ахир 65-70 зина поин омад ва арзиши аслии ин маҳсулотро ҳам коҳиш дод.

Бино ба омори дар ин нишаст эълоншуда, соли равон дар масоҳати 188 ҳазор гектар замин тухми пунба кишт мешавад, ки нисбати соли 2015 қариб 30 ҳазор гектар зиёдтар хоҳад буд.

Поин рафтани мизони истеҳсоли пахта дар Тоҷикистон дар ҳоле аст, ки бино ба гузориши вазорат навъҳои дигари маҳсулот, аз ҷумла картошка, сабзавот, полезиҳо, шир, асал, моҳӣ, тухм дар давраи ҳисоботӣ аз 2,1 то 9,5 дарсад афзоиш ёфтааст.

**Ю.СОЛЕҲ**

***Мутахассисони бахши кишоварзии Хитой дар рушди ин соҳа дар хоҷагиҳои деҳқонии Тоҷикистон фаъолона иштирок мекунанд.***

# ДЕҲҚОНОНИ ЧИНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**ЗОКИРЗОДА** Муҳаммадтоир Зоир, вазири кишоварзии Тоҷикистон дар посух ба саволи хабарнигори ҳафтаномаи "МХ" дар ин бора гуфт: - Ҳамкориҳои мо бо мутахассисон ва сармоягузорони чинӣ бар асоси тавофуқномаҳои дуҷониба ва бо мақсади тавсиаи бахши кишоварзӣ, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти мавриди ниёзи аввалия дар дохили кишвар ва таъмини амнияти ғизоӣ анҷом мегирад.

Вай афзуд, ки нақшаи ин ҳамкорӣ дар доираи дурнамои рушди кишоварзии мамлакат ба иҷро мерасад.

Чуноне ки ин мақоми Вазорати кишоварзӣ зикр кард, фаъолияти мутахассисони Хитой дар Тоҷикистон тавассути ширкати хитоии "Синзян-Инхай", Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Иттиҳоди аграрии "Водии зарин" ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Чунтай Данғара Син Силу- Текстил" амалӣ мешавад.

Ба гуфтаи ӯ, айни ҳол ин ширкатҳо дар маҷмӯъ қариб 700 гектар заминро дар ихтиёр дошта ва ҷиҳати рушди соҳаи пахтакорӣ, парвариши сабзавот ва шолӣ фаъолият мекунанд. Дар ноҳияи Ёвон хитоиҳо дар масоҳати 300 гектар замин растаниҳои полезӣ парвариш мекунанд ва бо сохтани гармхона барои дар тамоми фаслҳои сол ба бозор баровардани маҳсулоти худ шароит фароҳам овардаанд.

Ноҳияҳои Ҷилликӯл, Қумсангир ва Қубодиён ҳам аз дигар минтақаҳое анд, ки чиниҳо бо хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳамкорӣ ба роҳ мондаанд. Дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон имсол бо мусоидати мутахассисони чинӣ шолӣ парвариш хоҳад шуд.

Вазири кишоварзии мамлакат изҳори умедворӣ кард, ки бо истифода аз сармоя ва таҷрибаи хитоиҳо кишоварзони тоҷик ҳам роҳҳои нави афзоиши маҳсулотро омӯхта ва дар оянда аз таҷрибаи пешрафтаи онҳо истифода мебаранд.

Вай нигаронии баъзе аз коршиносони маҳаллӣ дар робита ба эҳтимоли пеш омадани хатари истифодаи беш аз ҳадди нуриҳо ва моддаҳои кимиёӣ аз сӯи кишоварзони чиниро дар хоҷагиҳои дар ихтиёрашон буда бепоя донист ва тавзеҳ дод, ки истифодаи заминҳои кишоварзӣ, корбурди моддаҳои кимиёӣ зимни парвариши анвои маҳсулоти кишоварзӣ дар ин қитъаҳо мутобиқ ба меъёр буда, чигунагии риояти меъёрҳо дар ин маврид аз сӯи коршиносон ба таври ҷиддӣ назорат мешавад.

**С.ЮСУФОВ**

# ИСТИФОДАИ СЕМБЛОК ДАР СОХТМОНИ МАНЗИЛ МАНЪ БУДААСТ

***Аз 124 корхонаи хишт истеҳсолкунандаи ҷумҳурӣ айни замон 94 адади он фаъолият дошта, хулосаи озмоишии мутахассисон собит намуд, ки 8 корхона бе сертификати мутобиқат ва ташхиси озмоишгоҳ фаъолият карда, сифати маҳсулоти 21 корхонаи дигар ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯй нестанд.***

**ДАР** ин бора зимни дар нишасти хабарии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумот дода шуд.

Дар посух ба саволи хабарнигори "МХ" оид ба кафолати сифати хишти сементӣ машҳур ба "семблок" муовини аввали Раиси кумитаи номбурда Саидзода Нуралӣ Ғиёс посух дод, ки барои сифати ин маҳсулоти сохтмонӣ мақомоти "Тоҷикстандарт" мувазааф аст. Ва истифодаи он дар сохтмони манзил манъ аст. Агар чунин бошад, пас чаро хиштҳои бетонӣ дар сохтмони манзилҳои бисёрқабата истифода мешуданду касе инро пешгирӣ накард? Бино бар тавзеҳи номбурда ин масолеҳ бояд танҳо дар деҳот истифода шавад. Магар дар деҳоти кишвар касе бинои бисёрқабата намесохта бошад?

Ҳамчунин дар нишаст иттилоъ дода шуд, ки имрӯз нақшаи генералии шаҳри Душанбе ва 8 шаҳру маркази ноҳияҳо барои мувофиқа дар вазорату идораҳо қарор доранд. Мутобиқи нақшаи нави пойтахти мамлакат дар он як миллиону дусад ҳазор нафар имкони зистро хоҳанд дошт. Мутобиқи шарҳи Қудратулло Файзуллоев, сармеъмори шаҳри Душанбе тамоми шароитҳои зарурии зист мувофиқи нақшаи нав таҳиягардида муҳайё карда мешавад. Пойтахти кишвар дар асоси нақшаи то соли 2005 имкони ғунҷоиши 750 ҳазор нафарро доштааст. Бо дарназардошти фароҳам овардани шароити мусоид ва амалӣ намудани нақшаи нави шаҳри Душанбе сохтмони иншооти мухталлӣ, аз ҷумла манзилҳои бисёрқабатаи истиқоматӣ дар назар дошта мешавад. Дар робита ба саволҳои хавотиромези хабарнигорон оид ба аз ҷиҳати сейсмикӣ фаъол будани пойтахт Қудратулло Файзуллоев афзуд, ки номумкин будани сохтмони биноҳои бисёрқабата дар Душанбе беасос аст ва биноҳои нав ба заминларзаи аз 7 то 9 балл тобоваранд.



Сармеъмори шаҳр дар идома аз бунёди ду шаҳраки муосир дар ду гӯшаи пойтахт хабар дода, гуфт, ки ҳоло бухрони молӣ ба нархи манзил дар Душанбе таъсир гузоштааст. "Агар ду соли пеш нархи як метри мураббаи манзил дар биноҳои марказии пойтахт 1300-1400 долларо ташкил медод, ҳоло то ба 650-630 доллари амрикоӣ поин омадааст, иттилоъ медиҳанд дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҷумҳурӣ.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

# БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗҲО 653,2млн. СОМОНӢ

***Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фарзу тахминҳоро дар бораи бамаротиб коста шудани теъдоди андозсупорандагон беасос хонда иттилоъ медиҳанд, ки дар муқоиса ба соли пешин шахсони воқеию ҳуқуқие, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудаанд, нисбат ба соли пешин 13,3 фоиз зиёд мебошанд.***

**БА** ибораи дигар мегӯяд, раиси Кумитаи номбурда Нусратулло Давлатзода соли 2015 агар 29 ҳазору панҷсад нафар фаъолияти худро қатъ намуда бошанд, 3 237 нафари дигар ба мақомоти анзоз чун соҳибкор сабти ном шуданд.

Дар соли 2015 нақшаи андозҳо ва пардохтҳо ба андозаи 101,3% таъмин гардида, ба ҷойи 7 миллиарду 858,6 миллион сомонии пешбинишуда ба буҷет 7 миллиарду 961,8 миллион сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба



нақша 103,2 миллион сомонӣ зиёд ва нисбат ба маблағҳои дар соли 2014 воқеан ҷамъоварӣ гардида, ба андозаи 844,7 миллион сомонӣ, ё худ 12 фоиз бештар мебошад. Иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар соли 2015 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон-111,0%, вилояти Хатлон-103,1%, вилояти Суғд-101,5% ва шаҳри Душанбе-95,0% таъмин шуд.

Ҳамчуноне аз ҳисобот бармеояд қарзи нисбатан калони андоз ба Ширкати "Барқи Тоҷик" тааллуқ дошта, то 1 декабри соли 2014 маблағи 142,4 млн. сомониро ташкил медиҳад. Дар умум бақияи қарзи андозҳо то 1 декабри соли 2015 маблағи 653,2 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол ба андозаи 34,4 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Тибқи иттилои роҳбарияти кумита соли 2015 бо мақсади кам кардани қарзи андозҳо аз тарафи мақомоти андоз нисбат ба 2100 субъекти хоҷагидор ба маблағи умумии 506,0 млн. сомонӣ қарорҳо қабул ва аз ҳисоби ин қарорҳо ва қарорҳои дар соли 2014 қабулгардида, ба буҷети давлатӣ дар маҷмӯъ 395 миллион сомонӣ ворид шуд.

Тибқи тартиби судии маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо 63 баҳси судӣ бо субъектҳои хоҷагидор ба маблағи умумии 131,3 миллион сомонӣ мавриди баррасии судҳои иқтисодӣ қарор гирифта, аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби баҳсҳои судие, ки дар соли 2014 ба манфиати буҷет анҷом ёфтаанд, дар маҷмуъ 99,8 миллион сомонӣ ба буҷети давлатӣ ворид шудааст.

Роҳбарияти кумитаи андоз дар нишаст ҳамкориро бо намояндагони васоити ахбори омма омили мусоиди пешрафти фаъолияти рӯзмарра унвон карда, аз намояндагони ВАО дархост карда шуд, ки ҳар як норасоие, ки дар фаъолияти кормандони мақомот ба мушоҳида мерасад сари вақт пайгирӣ карда дар ҳамкории якҷоя бо мақомоти андоз камбудиву норасоӣ ислоҳ карда шаванд.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**



***- Баҳри боз ҳам беҳтар таъмин намудани аҳолии кишвар бо маҳсулоти кишоварзӣ ва барои зиёд намудани содироти он ба хориҷи кишвар дар ҷумҳурӣ шумораи сардхонаҳо бояд афзун шавад ва ин тақозои вақт аст.***

# *<u>ТОҶИКМАТЛУБОТ:</u>* ФАЪОЛИЯТИ БАЪЗЕ ҶАМЪИЯТҲО ҚАНОАТБАХШ НЕСТ

**МАСАЛАН,** соли гузашта дар хоҷагии "Заркамар"-и ноҳияи Ҳисор сардхонаи муосири муҷаҳҳаз бо дастгоҳҳои ҳозиразамон бо маблағи умумии зиёда аз 2 миллион доллари ИМА бо ғунҷоиши 3 ҳазор тонна маҳсулот ба истифода дода шуда, бунёди сардхонаи дигар дар шаҳри Душанбе бо зарфияти 1,5 ҳазор тонна дар назар аст, - гуфт 22 январи соли ҷорӣ дар нишасти матбуотӣ муовини Раиси Раёсати Иттифоқи "Тоҷикматлубот" Иброҳим Гулов.

Ӯ ҳамчунин афзуд, ки соли гузашта содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи кишвар асосан ба Ҷумҳурии Қазоқистон сурат гирифтааст, чунки қонунгузории андозбандӣ ва гумрукии ин кишвар барои содиркунандагони молу мавод мусоид будааст. -Қазоқистон ҳамагӣ 12% боҷи гумрукӣ дорад. Дар муқоиса бо ин кишвар қонунгузории андозбандӣ ва гумрукии Федератсияи Русия сангинтар аст ва 18%-ро ташкил мекунад, ки то андозае барои содироти меваю сабзавот ба мо мушкилӣ эҷод кардааст. Дар ин маврид муроҷиати Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон унвонии мақомоти дахлдори Русия низ буд ва аввали моҳи январ мо номгӯи маҳсулоти содиротшавандаро ба ин кишвар пешниҳод кардем. Мо интизорем, ки вазъ дар ин самт беҳтар хоҳад гардид, ки ба манфиати тарафайн аст, - иброз дошт И.Гулов.

Аммо номбурда мегӯяд, фаъолияти ҷамъияти матлубот дар баъзе манотиқи ҷумҳурӣ қаноатбахш нест, ки барои пурра роҳандозӣ намудани нақшаҳои ин ниҳод мушкилиҳо ҷой доранд. Барои мисол, бинобар сабаби қатъ гардидани фаъолияти ҷамъияти матлуботи ноҳияи Тавилдара сохтмони Чойхонаи миллӣ дар ин ноҳия то ҳол оғоз нагардидааст. Инчунин, бо сабаби кам гардидани теъдоди донишҷӯён, мавҷуд будани корпусҳои зарурии илмӣ, надоштани шароити молиявӣ барои саривақт ва ба пуррагӣ пардохт намудани маблағ аз ҷониби донишҷӯён сохтмони корпуси илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе оғоз наёфтааст. Такя бар ин мушкилиҳои пешомада Иттифоқи Тоҷикматлубот ба "Нақшаи чорабиниҳои соҳавӣ оид ба таҷлили 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо қарори дахлдор тағйирот ворид намуда, сохтмони бинои "Тӯйхона" дар маркази ноҳияи Зафаробoди вилояти Суғд ва сохтмони бозорро дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлонро ба нақша гирифтааст.

Зикр гардид, ки бо мақсади пешгирии болоравии нархи маводи озуқа дар бозори истеъмолӣ ва таъмини аҳолии пойтахт дар шаҳри Душанбе ярмаркаҳои фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ гузаронида шуданд ва ин чорабиниҳо минбаъд низ идома хоҳанд ёфт.

Дар самти расонидани кумаки хайриявӣ низ Иттифоқи Тоҷикматлубот ташаббус нишон дода, ба аҳолии аз офати табиӣ зарардидаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва минтақаи Рашт дар маҷмӯъ дар ҳаҷми 107,4 ҳазор сомонӣ кӯмаки молиявӣ расонидааст. Илова бар ин, барои хизматрасонӣ ба аҳолии аз сел зарардидаи деҳоти Барсем ва Колхозобод дар шаҳраки Раҳмонободи ноҳияи Шуғнон як адад фурӯшгоҳи молҳои талаботи аввалиндараҷа дорои тамоми таҷҳизоти зарурӣ бо маблағи 244,7 ҳазор сомонӣ сохта шудааст.

Қайд гардид, ки даромади умумии нақшавии бадастоварда соли гузашта 97,0 миллион сомониро ташкил дода, аз ҳар намуд андозҳо ба буҷаи мамлакат 31,6 миллион сомонӣ пардохт шудааст ва Раёсати Иттифоқи Тоҷикматлубот минбаъд ҳам дар роҳандозӣ намудани нақшаҳои пайгирифтааш ҷиҳати пешгирии болоравии нархи озуқа, таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии сокинони кишвар тадбирҳои зарурӣ хоҳад андешид.

**Азамат ДӮСТОВ**

# БУҲРОНИ МОЛӢ БОЗОРИ МОШИНРО ҲАМ САРД КАРД

**Буҳрони молӣ боиси кам шудани воридоти воситаҳои нақлиёти сабукрав ба Тоҷикистон шудааст.**

**САРДОРИ** Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуфаттоҳи Ғоиб рӯзи 25 январ дар нишаст ба хабарнигорон дар ин бора иттилоъ дод.

Ӯ зимни ироаи гузориш дар бораи фаъолияти яксолаи ин ниҳод гуфт, ки "Дар соли 2015 ба миқдори 11 ҳазору 700 адад мошини сабукрав ба кишварамон ворид гардид, ки нисбат ба як соли пеш 34 ҳазору 800 адад кам аст.

Бар асоси ҳисоботи Хадамоти гумрук дар соли 2014 ба миқдори 46 ҳазору 500 адад мошини сабукрав ба Тоҷикистон ворид шуда буд.

Ба гуфтаи сардори Хадамоти гумруки ҶТ, ҳиссаи маблағи пардохтшуда аз ҳисоби воридоти воситаҳои нақлиёти сабукрав дар ҳаҷми умумии воридот фақат 2,6 дарсад ё ин ки 88,2 миллион долларро ташкил медиҳад.

А.Ғоиб сабаби коҳиши воридоти воситаҳои нақлиётро дар таъсири шадиди буҳрони молӣ, кам шудани мизони хариду фурӯш донист ва афзуд, ки "Воситаҳои нақлиётро маъмулан онҳое мехариданд, ки дар муҳоҷират даромади муносиб доштанд ва пас аз бозгашт барои зарурати рӯзгор бо бахше аз даромади худ мошин мехариданд."

Вай таъкид кард: -Дар соли гузашта вориди маблағ аз муҳоҷирони корӣ ба кишвар кам шуда ва ин ҳам ба бозори хариду фурӯши мошин таъсири манфӣ гузошт.

Бино бар гузориши сардори Хадамоти гумрук дар соли гузашта ҳаҷми умумии воридот нисбат ба соли 2014 ба маблағи 863,0 миллион ва содирот ба андозаи 79,0 миллион доллар коҳиш ёфтааст.



Дар нишаст зикр шуд, ки аз сабаби кам гардидани воридоти молу воситаҳои нақлиёт дар соли 2015 Хадамоти гумрук ба буҷети давлатӣ 3 миллиарду 617,2 миллион сомонӣ ворид намуд, ки нисбат ба нақша 483,4 миллион сомонӣ камтар буда ва баробари 88,2 дарсади нақшаро ташкил медиҳад.

Сардори ҳадамоти гумрук зимни баррасии масъала бо ишора ба шиддат гирифтани вазъи буҳронӣ дар ҷаҳон, ҳушдор дод, ки дар соли равон вазъият метавонад боз ҳам бадтар шавад.

Тағйирёбии нархи молу ашё дар бозори ҷаҳонӣ, ки манбаи асосии ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ мебошад, коҳиши воридоти молҳое, ки истеҳсолашон дар дохили ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудааст (семент, маҳсулоти кишоварзӣ,тухм...), ноустувории қурби арзи миллӣ дар муқоиса бо асъори хориҷӣ, тафовути калони меъёри андоз дар кишварҳои ҳамсоя ва то ба ҳол шаффоф мондани сарҳад миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон ва чанд омили дигар аз сабабҳои иҷро нашудани нақшаи пардохтҳои гумрукӣ дониста мешавад.

**С.ЮСУФОВ**

*саҳ. 12*

# Саргузашти зане, ки дар асорати ДИИШ буд



(ҲУШДОР!
Ин матлаб саҳнаҳои бераҳмонаи мудҳишро фаро мегирад.)

**Нодия Мурод Баси Тоҳо, 21 сола, язидӣ, аз деҳаи Кочо Ироқи Шимолӣ, Курдистон), муддати 3 моҳ асир ва канизи ҷангиёни ДИИШ буд ва баъд гурехт. 16 декабри соли 2015 Нодия аз минбари Шӯрои амнияти СММ баромад карда, дар бораи қатли оми Язидиҳо аз тарафи ДИИШ маълумот дод. 12 январ Ҳукумати Ироқ Нодияро ба номзадии ҷоизаи Нобел оид ба сулҳ пешниҳод кард.**

**БАРОМАДИ НОДИЯ АЗ МИНБАРИ СММ:**

- Деҳаи мо Кочо ном дорад. Он ҷо қариб 2700 нафар зиндагӣ мекарданд. Деҳа 30 километр дуртар аз шаҳри Сингор ҷойгир шудааст. Он деҳаи дурдасттарини язидӣ мебошад, баъд аз он деҳаҳои мусулмоннишин сар мешаванд. Язидиҳои чи Сингор ва чи деҳаи ман зиндагии бисёр одӣ доштанд. Мо аз давлат ҷудо ва мустақил мезистем. Ҳамаи сокинони деҳа ба кишоварзӣ машғул буданд, чорводорӣ мекарданд. Оилаи мо низ. Ҷаву гандум мекоридем. Ҳамаи аъзои оилаам дар деҳа буданд. Падарам соли 2003 вафот кард. Ману модарам бо бародарону хоҳаронам зиндагӣ мекардем. 8 бародар ва 2 хоҳар доштам.

Дар Кочо фақат як мактаб буд ва ҳамаи мо дар ин мактаб таҳсил мекардем. Ман бо ҳамсинфонам дӯстию рафоқат доштам. Дар бораи ояндаи худ бисёр мегуфтем, кӣ кадом касбро интихоб мекунад. Ман таърихро бисёр дӯст медоштам, мехостам муаллима шавам. 6 сол дар синфҳои ибтидоӣ, баъд 3 сол дар синфҳои миёна ва боз 5 сол дар синфҳои болоӣ хондам. Соли охири таҳсил дар мактаб монда буд. Баъд аз он мехостам ба донишгоҳ дохил шавам. Вале дар оғози соли таҳсили шашум ҷанг сар шуд ва ДИИШ деҳаи моро забт кард.

Дар деҳаи ман ҳамаи сокинон язидӣ буданд. Дини мо бисёр қадимист. Имон асоси зиндагии моро ташкил медиҳад. Дар деҳаи мо духтарон наметавонанд ба ғайриязидӣ ба шавҳар бароянд, мо наметавонем ба масеҳӣ ва ё мусулмон хонадор шавем. Вале мо, чун мусулмонону масеҳиён, ба Худо бовар дорем. Мо ҳам идҳое ба монанди Соли Нав, рӯзаи серӯза дар моҳи декабр дорем. Намоз ва ибодатгоҳои хоси худро ҳам дорем. Дар шаҳри Лалеш ибодатгоҳи асосии мо ҷойгир аст, дар Сингор низ ҷойҳои муқаддас ҳастанд ва мо он ҷо барои ибодату зиёрат меравем. Шояд ДИИШ онҳоро вайрон карда бошад. Дар оилаи мо ягон кас рӯҳонӣ нест. Аммо дар Лалеш Шӯрои олии рӯҳониён вуҷуд дорад, ки масъалаҳои динии ҷомеаи моро танзим мекунад.

Дар бораи ДИИШ аввалин бор моҳи июн шунидам, вақте ки онҳо аллакай Мосулро забт карда буданд. Дар телевизион дар ин бора хабар медоданд, мо баъзе лаҳзаҳояшро медидем, вале фикр намекардем, ки онҳо ба деҳаи мо ҳам меоянд, аз ин рӯ, ин қадар парво надоштем. Ёд дорам, чӣ хел мардҳои деҳ байни худ муҳокима мекарданд, ки агар омаданд, моро чӣ гуна ҳимоя кунанд. Вале аз хаёли мо намегузашт, ки хонаҳоро гузошта ба ягон тараф гурезем. Дар Сингор ҳукуматдорон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҳисоби курдҳо буданд. Онҳо итминон медоданд, ки ДИИШ ба мо ҳуҷум карда наметавонад. Ҳам мақомоти ҳукуматии Ироқ ва ҳам Курдистон мегуфтанд: **"Наравед, ҳеҷ кас ба шумо ҳуҷум намекунад, мо шуморо ҳимоя мекунем."** Мо ба онҳо бовар доштем ва ба ҳимояи онҳо умедвор будем. Онҳо ба мо намегуфтанд, ки ДИИШ аллакай язидиҳои дигар ноҳияҳоро қатли ом кардааст. Мо медонистем, ки чун ДИИШ шаҳрҳои Мосулу Ҳамдонияро ғасб кард, ба шиаҳо ва масеҳиёни он ҷойҳо мегуфтанд: **"Шумо ду рӯз вақт доред, то ки аз шаҳр равед"** ва бо ин онҳоро ба ихтиёри худ мегузоштанд. Вақте ки ДИИШ ба Талл Аффор, ки сокинони ҳамаи деҳаҳояш шиаҳо буданд, ворид шуданд, гуфтанд: **"Ҳамаи молу мулкатонро дар хона гузошта берун равед"**. Мо фикр мекардем, ки онҳо ба мо низ чунин муносибат мекунанд. Вале бовар надоштем, ки деҳаи моро забт мекунанд. Ҳатто дарҳои хонаҳоямонро намебастем.

Сеюми августи соли 2014 ДИИШ шаҳри Сингорро ғасб кард. Онҳо ба деҳаҳои язидиёни атрофи шаҳр даромаданд ва дар ин муддат касоне тавонистанд ба кӯҳҳо гурехтанд. Ҷангиёни ДИИШ ба паррондан сар карданд. Он рӯз ҳудуди 3 ҳазор кас аз ҷумла занон ва кӯдакон кушта шуданд. Ман инро аз онҳое мешунидам, ки ба шаҳрҳои Курдистон гурехта буданд ва дар бораи пайвандони кушташудаашон мегуфтанд. Ҳисоби умумии онҳо 3 ҳазор буд. Баъди озодсозии Сингор 16 қабри якҷоя дар шаҳр ва атрофи он ёфтанд. Ҷангиён иҷозат намедоданд, ки одамон шаҳру деҳаҳояшонро тарк кунанд. Худи ҳамон рӯз онҳо занҳо ва духтаронро бисёрро бо худ бурданд.

Рӯзи 3 юми август мо натавонистем аз деҳа берун равем. Вақте ки онҳо ноҳияро ғасб карданд, ба деҳаи мо аз ҳамсоядеҳаҳои мусулмоннишини Бааж ва Глеж омаданд. Онҳо деҳаро муҳосира карда вориди он шуданд ва гуфтанд, ки ҳеҷ кас онро тарк накунад. Бо таҳдиди яроқ посгоҳҳо гузоштанд. Баъд хона ба хона гашта, касе яроқ дошт, ҷамъ карда гирифтанд. Ҳамаи мо дар хонаҳоямон аз 3 то 15-уми август мондем.

14-уми август, рӯзи панҷшанбе буд, амири онҳо ба деҳа омад. Ӯ Абу Ҳамза Ал Хотунӣ ном дошт. Ҳар як деҳаи язидиҳо роҳбари калонсол дорад, ки ӯро "мухтор" меноманд. Амир назди мухтори мо омад ва гуфт: **"Шумо се рӯз вақт доред. Ё исломро қабул мекунед ва ё мо шуморо мекушем."** Вале онҳо ҳатто ин мӯҳлатро интизор нашуданд.

Рӯзи дигар, 15 август, ин амир боз омад. Ҳамроҳи ӯ 2 ҳазор ҷангӣ вориди деҳа шуд. Соатҳои 10:30 - 11:00 - и пагоҳии рӯзи ҷумъа буд. Онҳо эълон карданд, ки ҳамаи сокинони деҳа - занон, кӯдакон ва мардҳо бояд дар назди мактаб ҷамъ оянд. Ҳамаи моро, ки 1700 нафар будем, ба мактаб даровარданд. Вақте ки дохили мактаб шудем, диишиён гуфтанд: **"Ҳамаи занон ва кӯдакон - ба ошёнаи дуюм, мардҳо бошанд, дар ошёнаи якум меистанд."** Мо дар ошёнаи дуюм будем, вале медидем, ки дар ошёнаи якум чӣ мегузарад.

Ҷангиён аз мардҳо ҳалқаҳои тиллоӣ, пул, телефонҳои мобилӣ, ҳамён - ҳама чизе, ки дар бар доштанд, гирифтанд. Баъди ин онҳо ба ошёнаи дуюм баромаданд ва ҳар зару зеваре, ки кӯдакону занҳо доштанд, гирифтанд. Онҳо мӯйлаб надоштанд, вале риш доштанд, мӯйи сари баъзе аз онҳо дароз ва баъзеи дигарҳо кӯтоҳ буд. Ҳамаашон дар бар либоси дароз - ҷелоб доштанд. Амири онҳо аз поён ба мо дод зад: **"Ҳар касе, ки исломро қабул мекунад, берун бароянд, дигарҳо дар мактаб мемонанд"**. Ҳеҷ кадоме аз занону мардон намехост исломро қабул кунад. Касе аз мактаб набаромад.

Баъд аз ин онҳо мардҳоро, ки 700 нафар буданд, ба мошинҳои боркаш савор карда, 200 метр аз мо дуртар ба як тарафи деҳа бурданд. Мо аз тиреза медидем, ки чӣ гуна онҳоро мепарронданд. Ман ҳам инро бо чашмони худам дидам.

Дар байни мардҳо шаш бародар, се амакбача ва ду холабачаам ҳам буданд. Ба ғайр аз ин, хешу табори зиёдам дар байни онҳо буд. Номи онҳоро ба забон овардан бароям бисёр дардовар аст.

Баъд аз он ки ҳамаи мардҳоро қатл карданд, ба назди мо омаданд ва гуфтанд: **"Ба ошёнаи якум фароед." Пурсиданд: "Кӣ исломро қабул кардан меҳоҳад, даст бардорад."** Вале ҳеҷ кадоми мо даст набардоштем. Моро ҳам ба ҳамон мошинҳои боркаш савор карда, ба тарафи Сингор бурданд. Мо намедонистем, ки моро куҷо мебаранд ва бо мо чӣ кор хоҳанд кард.

Ҳамаи моро, кӯдакону занон ва пиронсолро ба деҳаи ҳамсояи Солаҳ, ки дар канори Сингор буд, оварданд ва дар як мактаби дуошёнаи ин деҳа ҷо карданд. Соати 8 -и бегоҳ буд. Он ҷо фақат сокинони деҳаи мо буданд, сокинони деҳаҳои дигарро кайҳо саришта карда буданд. Пеш аз он ки моро ба мактаб андозанд, рӯймолҳоямонро аз сарамон гирифтанд, курткаҳоямонро кашиданд, то ки рӯйи моро дуруст дида тавонанд. Дар мактаб моро ба чор гурӯҳ ҷудо карданд - шавҳардорон, калонсолон, кӯдакон ва мо, яъне ҷавондухтарон.

Мардҳои синну соли гуногун - ҷавонон, солдидаҳо ва миёнсолон моро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо карданд. Мепурсиданд, ки **кӣ оиладор ва кӣ оиладор нест**. Ҳомиладорон ва занҳои аз 40-сола болоро ҷудо карданд.

Ҷавондухтарони аз 9 - сола то 25 - сола 150 нафар шуданд. Моро ба майдон бароварданд. 80 зани пиронсолро аз мактаб бароварда куштанд, чунки ҷангиён намехостанд онҳоро ба канизӣ гиранд. Ҳамаи онҳо ҳамдеҳагони ман буданд. Дар байнашон модарам ҳам буд.

Соати 11-и шаб автобусҳо омаданд. То омадани автобусҳо чор ҷангӣ барои мо Қуръон мехонданд. Ҳамаи мо - 150 духтарро ба ду автобус савор карданд ва бо пешроҳии 10 мошин ба роҳ баромаданд. То ки ҳавопаймоҳо аз боло нафиманд ва бомбаборон накунанд, чароғҳои автобусҳоро рӯшан намекарданд. Фақат мошини якум чароғҳои фурӯзон дошту халос.

Моро аз Солаҳ ба самти Мосул мебурданд. Дар ҳар як автобус як ҷангӣ буд. Ҷангии автобуси мо Абу Батот ном дошт. Ба ҳар як духтар наздик омада, зери рӯшноии телефони мобили худ рӯяшро наззора мекард. Ба қатор гузашта, ҳар як касро аз назар мегузаронд, аз синааш медошт, риши худро ба рӯяш мемолид. Ин дурудароз буд. Чанд соат пештар мардҳо ва модарони моро куштанд, вале мо намедонистем, ки барои чӣ ба онҳо лозимем ва бо мо чӣ кор хоҳанд кард. Ман дар роҳрав будам, синаи маро низ даст зад ва ман доду фарёд кардам, ҳамаи дигар духтарон низ доду фарёд мезаданд ва гиря мекарданд. Ронанда автобусро нигоҳ дошт. Ҷангиён аз мошинҳо фаромада омаданд ва пурсиданд, ки чӣ шудааст. Духтарон гуфтанд, ки ӯ ба мо мерасад, ман гуфтам, ки ӯ ба синаи духтарон даст мерасонад. Яке аз ҷангиён гуфт: **"Маҳз барои ҳамин мо шуморо гирифтем, шумо ба ҳамин хотир ин ҷо ҳастед." Мили яроқро ба тарафи мо гардонда гуфт: "То расидан ба Мосул ба шумо гап задан, ҷунбидан ва ба ҳар тараф нигаристан манъ аст."**

Моро ба Мосул, ба қароргоҳи асосии ДИИШ оварданд. Хонаи бузурги дуошёна бо таҳхона. Соати 2: 30-и шаб моро ба ин бино дароварданд. Дар он ҷо занҳо ва кӯдакони дигари язидӣ, ки 3-юми август ба асорат афтида буданд, ҳузур доштанд. Дар паҳлуи як зан нишастам ва аз ӯ пурсидам: **"Шуморо пештар оварданд. Бо шумо чӣ шуд, бо шумо чӣ карданд, шумо чанд нафаред?"** Ёд дорам, ки ӯ ду кӯдак дошт. Вай гуфт: **"3-уми август моро асир гирифтанд ва ин ҷо оварданд. Дар ин қароргоҳ 400 нафар зану кӯдаки язидӣ аст. Онҳо ҳар рӯз пас аз нисфирӯзӣ ва ё бегоҳ ба назди мо меоянд ва духтаронеро мебаранд, ки мехоҳанд. То ин дам занҳои калонсол ва ё кӯдакдорро набурдаанд. Шояд имрӯз ё пагоҳ моро низ бубаранд."**

Мо он ҷо то саҳар мондем. Соати 10-и пагоҳӣ эълон карданд, ки ҳамаи моро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд. Як гурӯҳро дар Мосул мегузоранд ва дигарашро ба Сурия мебаранд. Онҳо 63 духтарро ҷудо карданд, ки бояд дар Мосул мемонданд ва ман низ дар байни онҳо будам. Боқимондаро ба Сурия фиристоданд. Дар байни онҳо ду хоҳари ман ҳам буд. Моро ба бинои дуошёнаи дигаре гузаронданд. Дар ошёнаи якум ҷангиҳо буданд, духтаронро ба ошёнаи дуюм бароварданд. Аз тамоми аҳли оилаам ҳамроҳи ман 3 бародарзодаам, ки 15, 16 ва 17 - сола буданд, боқӣ монданд. Дутои онҳо духтарони як бародарам, сеюмаш духтари бародари дигарам буданд. Мо ду рӯз дар он ҷо, то 18-уми август мондем. Шишаҳои тиреза сиёҳ карда шуда буданд, аз ин рӯ, мо рӯз, саҳар ва ё шаб будани вақтро намедонистем. Фақат вақте ки барои мо хӯрок оварданд, пурсидем, ки соат чанд аст.

Бегоҳи 18-уми август ба ошёнаи дуюм қариб сад нафар ҷангӣ баромад. Дар байни хона истода, духтаронро барои худ интихоб мекарданд. Мо ба даҳшат афтода будем. Бисёре аз духтарон аз ҳуш рафтанд, дигарон аз даҳшат фарёд мезаданд. Вале онҳо касеро мехостанд, барои худ мегирифтанд. Ману ҷиянҳоям ба фарш худро партофта, якдигарро оғӯш карда будем. Намедонистем чӣ кор кунем ва мо низ доду фарёд мезадем.

Ба хона як одами бисёр азимҷусса даромад, ки ба ҷевон монанд буд, гӯё панҷ одам дар як ҷисм, сартопо сиёҳ пӯшида буд, ӯ ба назди ман ва ҷиянҳоям наздик омад. Духтарҳо ба ман часпиданд, аз даҳшат дод мезадем. Ӯ дар пеши мо истода ба ман гуфт: **"Бихез!"**

Ман ҳаракат намекардам ва хомӯш будам, бо пояш маро зада, боз гуфт: **"Ту хез!"** Ман гуфтам: **"Намехезам, ман бо дигаре меравам, аз ту метарсам."** Дигар ҷангӣ омад ва гуфт: **"Ту бояд бо касе равӣ, ки туро интихоб кардааст. Назди шумо касе омад, аз ҷо хезед ва равед. Ин фармон аст."**

Ӯ маро ба ошёнаи якум фаровард, ки он ҷо каддом духтар бо кӣ меравад номнавис мекарданд. Рӯйхати духтарон буд, дар он ҷо номи духтареро, ки интихоб карда мебурданд, аз рӯйхат хат мезаданд. Ман ба фарш менигаристам, дар атроф ҳеҷ чизро намедидам. Дар ҳоле ки номи маро дар рӯйхат ҷустуҷӯ мекарданд, то ки хат зананд ва мебоист бо ин марди азимҷусса мерафтам, дар ин ҳангом пойҳои касеро дидам. Касе меомад, ки азимҷусса набуд. Ман афтодам ва пойҳояшро оғӯш карда, ҳатто ба рӯяш нанигариста гуфтам: **"Илтимос, маро бигир, куҷое мехоҳӣ, фақат бо ин мард нагузор, ман аз вай метарсам."** Ва ин марди ҷавон ба арабӣ ба он ҷуссаманд мегуфт: **"Ман ин духтарро мехоҳам. Ӯро бо худ мегирам."** Ин мардро Ҳоҷӣ Салмон мегуфтанд, ӯ қумондони саҳрӣ аз Мосул буд. Ӯ маро бо худ ба қароргоҳ бурд, ки дар он ҷо шаш муҳофиз ва як ронанда дошт. Ба яке аз онҳо фармуд, ки маро Қуръон омӯзад.

Ҳоҷӣ Салмон маро ба хонаи алоҳида бурд, дар паҳлуям нишаста гуфт, ки мусулмон шавам, исломро қабул кунам. Ман ҷавоб додам: **"Агар шумо маро маҷбур накунед, ки бо шумо ҳамхоба шавам, майлаш, исломро қабул мекунам."** Ӯ гуфт: **"Не, ту дар ҳар сурат зани мо мешавӣ, ман барои ҳамин туро гирифтам."** Гуфтам, ки: "Дар ин сурат исломро қабул намекунам." **Ҳоҷӣ Салмон гуфт: "Шумо язидиҳо, кофиру беимон ҳастед. Шумо бояд имон оваред, ҳоло шумо муъмин нестед"**. Ман пурсидам: **"Шумо ба бародарону хешу табори ман чӣ кор кардед? Магар онҳоро метавонам фаромӯш кунам"**. Ӯ ҷавоб дод: **"Онҳо беимон буданд, онҳоро куштам. Шуморо бошад ба мусулмонҳои ДИИШ медиҳем, шумо дигар кофир нахоҳед буд. Мо шуморо аз кофирон озод кардем, то ки исломро қабул кунед."** Ӯ либосҳояшро бадар кард. Гуфт, ки ман низ бараҳна шавам. Гуфтам: **"Ту медонӣ, ман беморам. Вақте ки шумо мардҳои моро куштед, бемории занона шудам. Бисёр дардманд ҳастам, намехоҳам, наметавонам."** Ӯ маро маҷбур кард, либосамро кашам. Таҳпӯшамро нагузоштам. Ӯ гуфт: **"Таҳпӯшатро бадар кун, мехоҳам бубинам, ки дар ҳақиқат моҳона дорӣ ё не."** Вақте ӯ дид, ки ман дар ҳақиқат моҳона дорам, маро ба ҳоли худ гузошт ва он шаб маро таҷовуз накард.

Саҳарии дигар ба ман гуфт: **"Ҳоло ман меравам, бегоҳӣ бармегардам ва бо ту мехобам, ба ман фарқ надорад, ки ту бемор ҳастӣ ё не."**

Соати шаши бегоҳ ронандаи ӯ ба хона даромад. Ороишот ва либос оварда, гуфт: **"Ҳоҷӣ Салмон мегӯяд, ки бояд шустушӯ карда, худро оро диҳӣ, либос пӯшӣ ва барои Ҳоҷӣ Салмон омодагӣ бигирӣ. Ӯ меояд."**

Донистам, ки чораи дигаре нест. Ҳамаи ин корҳоро кардам: шустушӯ ва рангу бор кардам, либос пӯшидам ва ба кат нишастам. Вақте ки ӯ ба хона ворид шуд, ба назди ман омад. Либосҳояшро баровард ва гуфт, то ки ман низ бараҳна шавам.

Ман иҷро кардам. Ӯ маро таҷовуз кард. То ин дам духтар будам. Дар долон посбонҳо, ронанда ва дигар ҷангиҳо буданд, ҳама вақт доду фарёд мезадам, ба ёрӣ мехостам, вале ҳеҷ кас ба ёрӣ наомад, ба онҳо фарқ надошт.

Рӯзи дигар ба ман либоси сиёҳ пӯшонданд, сартопо сиёҳ. Ӯ маро ба қозихонаи исломии Мосул, маҳкамаи ДИИШ бурд. Вақте ки ман ба он ҷо омадам, ҳазорҳо духтаронро дидам, ки мисли ман сару рӯяшон бо сатри сиёҳ пӯшида буд ва дар паҳлуи ҳар кадом як ҷангӣ меистод. Моро ба назди қозӣ бурданд, ки Ҳусейн ном дошт. Қозӣ ба мо Қуръонро хонд ва моро маҷбур карданд, ки он калимаеро арза кунем, ки бо гуфтани он мусулмон мешавӣ. Баъд ҳар кадоми моро сурат гирифтанд, суратҳоро ба девор часпонданд ва дар зери суратҳо рақам навиштанд. Ин рақам ба он марде тааллуқ дошт, ки то ин замон бо ин духтар хоб рафта буд. Дар зери сурати ман рақам ва номи Ҳоҷӣ Салмонро навиштанд. Инро бо он мақсад карданд, ки ба қозихона ҷангиён меоянд, суратҳоро аз назар мегузаронанд ва кадом духтаре, ки барояшон маъқул мешавад, ба ҳамин рақам (яъне рақами телефон) занг мезанад ва духтарро ба иҷора мегирад. Барои иҷора пул ва ё ашёи дигар пардохт мекарданд. Онҳо метавонистанд моро ба иҷора гиранд, бихаранд ва ҳамчун туҳфа бигиранд. Ин маънои онро дошт, ки дигар ман моли Ҳоҷӣ Салмон ҳастаму ӯ метавонад маро ба дигар ҷангиён иҷора диҳад.

***Дар ихтиёри ӯ ду шабу се рӯз будам ва шаби сеюм ӯ ба ман гуфт: "Ман ҳоло меравам то барои ту либоси зебо биёрам. Ту бояд шустушӯ кунӣ ва ин либосро пӯшӣ, то ки дилкаш шавӣ. Одамон мебиёянд то туро бубинанд, агар маъқул шавӣ, туро мехаранд."***

Вақте ки мо аз қозихона баргаштем, ӯ ба ман гуфт: **"Дигар фикри гурехтанро аз сарат дур намо вагарна вазъиятат бисёр бад мешавад."** Ман ҷавоб додам: **"Ман гурехта наметавонам, ту ДИИШ ҳастӣ. Медонам, ки дар пеши ту нотавонам."**

Як ҳафта дар хонаи ӯ будам. Бисёр меҳмон меомад, ба ҳар кадомашон Салмон маро иҷора медод. Тоқат мекардам. Тасаввур мекунед, ки чунин зиндагӣ, дар байни ҷангиҳои ДИИШ чӣ қадар даҳшатовар аст? Ба хулосае омадам, ки бо ҳар роҳ аз он ҷо гурезам, бигузор кушта шавам. Марг беҳтар аз чунин зиндагӣ! Ман кӯшиши гурехтан кардам.



Ман иҷозат доштам, ки дар дохили бино аз як ошёна ба ошёнаи дигар гузарам, Барои ҳамин кӯшиши гурехтан кардам. Соати 8-и бегоҳ аз ошёнаи дуюм ба ошёнаи якум фаромадам. Дар ошёнаи якум балкон паст буд, аз балкон нардбоне ба дохили боғ буд. Аз нардбон фаромадам, вале он ҷо ба дасти посбон афтодам.

Посбон маро ба хона даровард. Хоҷӣ Салмон омада маро зад. Баъд гуфт: **"Тез либосҳоятро бадар кун."** Одатан ӯ худаш аввал либос мекашид ва баъд маро маҷбур мекард. Вале ин дафъа аввал маро фармуд. Ин Ҳоҷӣ Салмон инсони бисёр бад аст, мисли ӯ нафареро ба ин андоза бераҳм надидаам.

Аз тарс ҳамаи либосҳоямро бадар кардам. Фармуд то дар кат дароз кашам. Дар кунҷи кат нишастам. Ба ман гуфт: **"Ба ту нагуфтам, ки агар фикри гурехтан кунӣ, ба ту чӣ кор мекунам."** Ӯ баромад. Ба хона шаш посбонаш даромаданд.

Онҳо дарро пӯшиданд. Ҳамаи ин дар пеши чашмам ҳаст. Ман дар ёд дорам, чӣ гуна се нафари онҳо маро таҷовуз карданд. Баъд аз ҳуш рафтам. Дигар намедонам, боз чӣ қадари дигар буданд, боз чӣ шуд. Рӯзи дигар, соати 8 чашмонамро кушодам, дар хона ҳеҷ кас набуд.

Баъди ин се рӯз дар хона мондам. Ҳама ҷоям дард мекард, то ҳаде, ки аз ҷо бархоста наметавонистам. Хайрият касе намедаромад. Фақат баъзан посбонон бароям хӯрок меовараданд. Рӯзи чорум аз ҷо хестам, рӯямро шустам ва дар ҳамом шустушӯ кардам. Рӯзи дигар ба ман гуфтанд: **"Либоси сиёҳатро пӯш"**. Бархостам ва либоси сиёҳамро пӯшидам. Ду нафар мард аз шаҳри Ҳамдония, ки онҳо низ ҷангиёни ДИИШ буданд, омаданд. Ба ман гуфтанд: **мо туро харидем, либосҳоятро пӯш, бо мо меравӣ.**

Онҳо маро ба шаҳри Ҳамдония бурданд. Ба хонаи калоне даромадам ва ба он ҷо либоси занонаи язидиҳо дар рӯи фарш дидам. Либосҳои бисёре буд. Ҷангиён ба ман гуфтанд, ки то ман 11 занро дар ин хона таҷовуз кардаанд.

Ман ду ҳафта дар ихтиёри онҳо будам, дар дасти ин ду мард, ҳар кадоме маро як ҳафта истифода кард. Баъд аз ду ҳафта ду нафар мард бо чор духтар омаданд, ки сатри сиёҳ доштанд. Намедонам онҳоро аз куҷо оварданд. Ба мо иҷозат намедоданд, ки бо якдигар гап занем. Маро гирифтанд ва он духтаронро бо онҳо гузоштанд. Иваз карданд. Ин ду нафар дар дидбонгоҳ хизмат мекарданд ва маро ба он ҷо бурданд. Дар ихтиёри онҳо 10 рӯз будам. Маро таҷовуз мекарданд. Баъд ронандаи ДИИШ аз шаҳри Мосул омад ва маро бо худ гирифт.

Дар ихтиёри ӯ ду шабу се рӯз будам ва шаби сеюм ӯ ба ман гуфт: **"Ман ҳоло меравам то барои ту либоси зебо биёрам. Ту бояд шустушӯ кунӣ ва ин либосро пӯшӣ, то ки дилкаш шавӣ. Одамон мебиёянд то туро бубинанд, агар маъқул шавӣ, туро мехаранд."**

Вақте ки ӯ барои либос рафт, соати 11-и шаб буд. Дар хона ҳар дуи мо будем, вақте ки ӯ рафт, ман танҳо мондам.

Ман аз хона баромадам. Фикр мекардам, маро ин дафъа ҳам даст мегиранд ё не, намедонистам, раҳо меёбам ё не. Баромадам, давидам, оҳиста ва сокит аз паҳлуи хонаҳои кӯҳна гузаштам ва дари як хонаро кӯфтам. Дар кӯча чароғ набуд. Касе дарро кушод ва ман тез даруни хона шудам, дигар фикр мекардам, ки дар хона ҷангиён ҳастанд ва ё одамони оддӣ, зан ҳаст ва ё мард, бароям ҳеҷ чиз рӯшан набуд, вале мехостам чӣ хеле набошад, худро аз он асорат халос кунам.

Ҳанӯз тобистон ва ҳаво бисёр гарм буд. Торик буд. Дидам, ки дар хона занону кӯдакон буданд. Гуфтам, ки ман язидӣ ҳастам, саргузашти худро нақл кардам ва аз онҳо илтиҷо кардам, ки ба ман кӯмак кунанд, то гурезам. Шавҳари ин зан гуфт: **"Имшаб ту ин ҷо мон, пагоҳ мебинем."**

Шаш бародарамро ба қатл расонданд, се нафари дигараш дар Курдистон кор мекунанд, медонистам, ки яке аз онҳо дар лагери гурезаҳо ҳаст ва рақами телефоншро дар хотир доштам. Пагоҳӣ зану шавҳар ба назди ман омаданд ва ман ба онҳо гуфтам: **"Ба ман ёрӣ кунед. Бародарам дар лагери гурезаҳо дар Курдистон зиндагӣ мекунад. Ба ман телефони мобилӣ диҳед, мехоҳам ба ӯ занг занам. Ҳарчиро, ки мехоҳед, медиҳам, фақат кӯмак кунед, ки аз ин ҷо берун шавам."**

Онҳо ба ман телефони мобилӣ доданд. Ба бародарам занг задам ва гуфтам, ки ба онҳо пул гузаронад, шояд онҳо ба ман кӯмак мекунанд. Онҳо ба ман гуфтанд, ки ба ман шаҳодатнома ва либоси сиёҳ медиҳанд ва то таксӣ мебаранд, ки гурехта тавонам.

Ин оилаи мусулмон бисёр оилаи хуб буд. Онҳо бисёр мехостанд, ки ба ман кӯмак кунанд, вале бисёр камбағал буданд. Бародарам ба онҳо пул гузаронд ва мард ба ман шаҳодатнома ва либоси сиёҳи занашро дода, таксӣ қарор кард. Бародарам гуфт: **"То Киркук биё."**

Пеш аз сафар он мард маро бо фаранҷӣ сурат гирифт ва ба воситаи вайбер ба бародарам фиристод. Навишт, ки ман дар пайгард (ҷустуҷӯ) қарор дорам, ӯ таваккал ба ҷонаш карда маро мебарад. Он мард ҳамроҳи ман рафт, ман дар фаранҷӣ печида будам, тамоми баданам пӯшида буд, ду чашмам менамуду тамом. Ҳеҷ кас тафтиш намекард ва ба рӯям нигоҳ намекард, фақат шаҳодатномаро медиданд.

Вақте ки мо мерафтем, сурати ман дар ҳар як постгоҳ буд. Ин суратам аз он қозихона буд, ки бе фаранҷӣ будам. Дар зери сурат навишта буд: **"Ин язидии гуреза аст, агар касе ӯро ёбад, бояд ба қароргоҳ баргардонад".** Мо се постгоҳро гузаштем. Вақте ки ба постгоҳи Киркук расидем, он ҷо сарбозони курд истода буданд ва дар байнашон бародарам ҳам буд. Ӯ маро пешвоз гирифт. Ҳамин гуна ба назди бародарам расидам.

Ёд доред, дар бораи як марди азимҷусса гуфтам, ки мехост маро ҳамроҳаш бигирад. Он мард духтари бародари маро интихоб кардааст. Ҷиянам дар Мосул ҳафт моҳ монд, ӯро чанд дафъа даст ба даст фурӯхтанд, баъд ӯ ҳам гурехт. Ба монанди ман ӯ ҳам ба як хонае паноҳ бурд, бар ивази пули калон барои гурехтан аз Мосул ба Киркук ба ӯ кӯмак карданд. Ду ҳафта мешавад, ки ӯ дар Олмон аст. Давлати Олмон ӯро бурд. Ба ду ҷияни дигарам чӣ шуд, намедонам. Дар бораи онҳо ягон маълумоту хабаре надорам.

Ду хоҳарамро, ки ба Сурия бурданд, тақдири моро доштанд. Онҳоро чандин карат хариданду фурӯхтанд, баъд кадоме аз хешовандон бо пули калон онҳоро харид. Айни ҳол яке аз онҳо дар Олмон ва дигаре дар лагере дар Курдистон мебошанд.

Мардҳое, ки моро хариду фурӯш мекарданд, дар нисбати мо бераҳмона муомила мекарданд. Дар байни онҳо ягон одами некро надидам. Онҳо бисёр хурсанд буданд, ки маҳз дар нисбати язидиҳо чунин корҳо мекунанд. Ба масеҳиён ва шиаҳо ҳам бад муносибат мекарданд, вале дар нисбати язадиҳо муносибати бадтаре доштанд. Занҳоро мефурӯхтанд ва таҷовуз мекарданд, мардҳоро ба қатл мерасонданд. Аз деҳаи мо ҳеҷ зане, духтаре, марде ва кӯдаке аз зӯроварӣ ва қатлу куштори онҳо эмин намонд.

Қариб 3400 язидӣ - зан, кӯдак, занҳои солхӯрда ва духтарони ҷавон гумном шуданд. 16 моҳ аст, ки аз онҳо дараке нест. Баъзеҳо мегӯянд, ки онҳоро кайҳо куштаанд. Мегӯянд, ки бисёриҳо худкушӣ ҳам кардаанд. Вале ҳеҷ кас тақдири онҳоро намедонад. Ҳеҷ кас онҳоро ҷустуҷӯ намекунад, дар бораи онҳо ягон сухан намегӯянд. Тамоми ҷаҳон мебинад, ки ДИИШ чӣ аст ва чӣ кор мекунад. Ҳанӯз ҳам духтарону занонро мефурӯшанд ва таҷовуз мекунанд. Вале виҷдони инсоният то ҳол бедор нашудааст ва ҳеҷ касе нест, ки ин занҳоро озод кунад.

***Тарҷума***
***аз "Новая газета"***

# БОНКИ МИЛЛӢ: ФАЪОЛИЯТИ САРРОФОНИ «КӮЧАГӢ» БАРҲАМ ДОДА ШУД



**ТАЪСИРИ** манфӣ ба қурби асъори миллӣ асосан ба омилҳои беруна вобастагӣ доранд. Афзоиши фишорҳои қурбии берунӣ пеш аз ҳама ба омилҳои берунии иқтисодӣ, бахусус вазъи шадиди геосиёсии шарики асосии иқтисодиву стратегии мо-Русия вобастагӣ дорад ва боиси номувозинатии ҳаракати сармояи хориҷӣ ва беқурбшавии пули миллӣ гардидааст,-иброз дошт 26 январ дар нишасти матбуотӣ Раиси Бонки Миллӣ Ҷамшед Нурмуҳаммадзода.

Бино ба гуфтаи ӯ, дар ин давра интиқоли маблағ аз ҷониби шаҳрвандони мо аз хориҷи кишвар ба андозаи 33% кам гардидааст. Аммо, такя ба нишондоди ду даҳрӯзаи соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта воридшавии асъори русӣ 8,2 фоиз зиёд гардидааст.-Қонуниятҳои иқтисодӣ чунин ҳастанд, ки мо аз рубли русӣ вобастагӣ дорем. Ҷорӣ намудани таҳримҳои иқтисодӣ алайҳи Русия, паст фаромадани нархи ҷаҳонии нафт ва таҳти таъсири ин омилҳои манфӣ зарар дидани иқтисодиёти ин кишвар низ ба беқурбшавии асъори миллии мо низ овард,-гуфт Ҷ.Нурмуҳаммадзода.

Дар ин давра як қатор омилҳои манфӣ рӯйи кор омаданд, ки дар маҷмӯъ ба соҳаҳои иқтисодиву молиявии ҷумҳурӣ таъсирбахш будаанд. Дар ин қатор коҳиш ёфтани ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ, маҳдудшавии дастрасии ташкилотҳои қарзӣ ба қарзҳои асъории бонкҳои хориҷӣ, ноустувории рушди иқтисодии шарикони асосии иқтисодии кишвари мо ва беқурбшавии асъори миллии ин кишварҳо ва омилҳои ҳаннотӣ вобаста ба кӯшишҳои нигоҳ доштани даромади калон аз фарқияти қурбҳо дар бозори ғайрирасмии хариду фурӯши асъор номида шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади ҷорӣ кардани низоми нави амалиёти хариду фурӯши асъори нақди хориҷӣ санади ҳуқуқие таҳти унвони Дастурамали №1 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" қабул гардид, ки дар он тамоми амалиёт бо асъори хориҷӣ дар ташкилоти қарзӣ муқаррар шудааст. Тибқи ин дастурамал акнун тамоми амалиёти хариду фурӯши асъори хориҷӣ минбаъд танҳо хазинаи сарбонкҳо, филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкҳо тавассути низоми мутамаркази электронии амалиётии ташкилотҳои қарзӣ анҷом дода мешавад. Яъне, аз ин пас амалиёти саррофони "кӯчагӣ" ғайриқонунӣ маҳсуб мегардад.-Мо ба қонунгузорӣ тағйирот ворид сохтем, ки тибқи он акнун муҷозот нисбати чунин саррофон сангинтар мешавад. Масалан, ҷаримабандӣ барои хариду фурӯши ғайриқонунии асъор то 10 маротиба афзун гардида, ҷазои ҷиноӣ низ вазнинтар хоҳад шуд ва чунин афродро ҷазои маҳрум шудан аз озодӣ ба муҳлати то 9 сол интизор аст. Шахсияти ин саррофон, ки андак бештар аз 800 нафаранд, ба мо маълум аст ва мо дар вақташ фаъолияти онҳоро боздошта, онҳоро ба ташкилотҳои қарздиҳӣ вобаста кардем, то ки таҳти назораташон фаъолияти худро ба роҳ монанд. Аммо бисёри ин саррофон дар вазъи ба онҳо нав дар ташкилоти қарздиҳӣ фаъолият карда натавонистанд. Мо рӯйихати гурӯҳҳои муайяни муташаккили саррофонро тартиб дода, ба мақомоти дахлдор пешниҳод кардем, ки алайҳи инҳо чораҷӯйӣ кунанд. Аммо чунин ашхос шумораашон беш набуда, тақрибан 10% шумораи тамоми саррофонро ташкил медиҳанд. - илова намуд Ҷ.Нурмуҳаммадзода. Мавсуф ҳамчунин афзуд, ки акнун ба фаъолияти бозори ғайрирасмии хариду фурӯши асъор дар ҷумҳурӣ роҳ дода намешавад ва бояд ашхосе, ки то ин замон ба чунин фаъолият машғул буданд, барои худ манбаи даромади дигар дарёфт кунанд, дар акси ҳол онҳоро ҷавобгарии ҷиноӣ интизор аст.

Раиси Бонки Миллӣ ҳамчунин илова намуд, ки захираи тиллои кишвар 40% зиёд гардидааст ва минбаъд истеҳсол ва захираи он аз ҷониби давлат тавассути Бонки Миллӣ ва Вазорати молия ба роҳ монда мешавад. Аз рӯи нишондоду пешгӯиҳо рушди макроиқтисодии кишварро коршиносон ба андозаи 7% ҳадс мезананд ва барои таҳлукаву ҳарос асос вуҷуд надорад.

**Азамат ДӮСТОВ**

# ҚАРЗИ «СУДМАНД»-и «АМОНАТБОНК»

**НОВОБАСТА ба вазъи кунунии таъсири омилҳои беруна ба низоми бонкии ҷумҳурӣ, БДА ҶТ «Амонатбонк» фаъолияти худро дар соли 2015 ба нишондиҳандаҳои назарраси молиявӣ ҷамъбаст намуд, - зикр карданд масъулини бонки мазкур дар суҳбат бо хабарнигорон. Даромади тавозунии бонк дар соли 2015 то андозбандӣ маблағи 48,9 млн. сомонӣ ва баъд аз андозбандӣ маблағи 30 млн. сомониро ташкил намудаст, ки нисбат ба соли 2014 13% зиёд аст. Инчунин, "Амонтбонк" ба муштариён қарзҳои хурди бо фоизи нисбатан имтиёзноки "Судманд"-ро пешниҳод намуда истодааст. Ин намуди қарз бештар ба кормандони соҳаҳои маорифу тиб, нафақагирон бо роҳи ниҳоят соддашудаи ҳуҷҷатгузорӣ тавассути филиалҳои "Амонатбонк" дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ пешниҳод мешавад. Сиёсати қарзии "Амонатбонк" дар шаклҳои гуногун дар соли ҷорӣ низ идома дошта, барои инкишофи соҳаҳои муҳиму афзалиятноки иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина ба баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар равона мегардад.**



**Гулҳаё МАДИМАР**

# 59 ДАЪВОИ БОНКҲО НИСБАТИ ҚАРЗГИРАНДАГОН ДАР СОЛИ 2015

**СОЛИ 2015 бонкҳои Тоҷикистон нисбат ба муштариёни худ барои руёнидани маблағи қарз, аз солҳои қаблӣ дида бештар даъво пеш овардаанд.**

Дар ин бора Абдуҷаббор Розиқзода, муовини аввали Раиси Суди Олии иқтисодии Тоҷикистон зимни нишасти матбуотии ин ниҳод иттилоъ дода гуфт, ки давоми соли 2015 аз ҷониби бонкҳои кишвар 59 аризаи даъвогӣ нисбати муштариёнашон ворид гардид, ки ҳамаи онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳалли ниҳоии худро пайдо карданд. Муовини аввали Раиси Суди Олии иқтисодии кишвар мегӯяд, дар соли 2015 бонкҳои Тоҷикистон нисбати муштариёни худ аз солҳои қаблӣ дида, бештар даъво пеш овардаанд. Аз ҷумла дар соли 2014 шумораи чунин даъво ҳамагӣ то ба 43 адад расида буд.

А. Розиқзода, инчунин зикр кард, ки дар ин давра, дар Суди Олии иқтисодии Тоҷикистон бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ 5 парвандаи иқтисодӣ баррасӣ шудааст, ки шумораи чунин баҳсҳо нисбати солҳои пеш то як андоза коҳиш ёфтааст. Ба иттилои А. Розиқзода, дар зарфи соли сипаришуда аз ҷониби Суди Олии иқтисодии кишвар дар маҷмӯъ беш аз 400 парванда баррасӣ гардидааст, ки 169 парванда дар марҳилаи якум, 244 парванда дар коллегияи судӣ, 7 парванда дар марҳилаи назоратӣ ва 4 парванда дар Раёсати Суди Олии иқтисодии кишвар баррасӣ шудааст.

**И.ТОҲИР**

# ҶОЙҲОИ НАВИ КОРӢ ДАР ТУРСУНЗОДА

**МУҲАЙЁ** намудани ҷойҳои нави корӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Турсунзода маҳсуб мегардад, - иброз дошт раиси шаҳри Турсунзода Сиҷоуддин Саломзода зимни нишасти хабарӣ, ки ҳафтаи сипаришуда доир гардид.

Соли 2015 баробари дубора фаъол гардидани заводи зарфҳои чинӣ як корхонаи истеҳсоли дорубарорӣ, 4 коргоҳи саноатӣ ба истифода дода шуда, зиёда аз 230 нафар ба кори доимӣ таъмин гардиданд. Фароҳам омадани ҷойҳои нави корӣ имкон дод, ки сафи бекорон, аз ҷумла 282 нафар муҳоҷири меҳнатие, ки аз Русия хориҷ шуданд, ба кор таъмин карда шаванд. Дар радифи корхонаҳои саноатӣ дар Турсунзода имкони фаъолият дар хоҷагиҳои деҳқонӣ фароҳам аст. Бо созандагию бунёдкорӣ боло бурдани маърифати сокинон ҷанбаи муҳими фаъолияти мост. Тамоми чораҳо андешида мешаванд, то фарҳанги шаҳрдории сокинони Турсунзода дар сатҳи зарурӣ бошаду шаҳр озода ва ободу зебо бошад.

Дар нишаст зикр шуд, ки баробари рушди саноат соли гузашта кишоварзон ҳосили фаровони ғалла, мева ва сабзавоти полезӣ рӯёнидаанд. Нақшаи кишти тирамоҳӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 110,9% иҷро гардид.

Сокинони шаҳри Турсунзода барои истиқболи сазовор аз 25-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ саъю кӯшиши беандоза доранд. Бахшида ба ин санаи муборак якчанд иншооти ҷашнӣ сохта мешавад. Аз ҷумла, ғайр аз 7 иншоот боз ба истифодадиҳии хатти истеҳсоли сими мисин, сехи захира ва коркарди меваю сабзавот се бинои истиқоматии 5 ошёна, 2 бинои кӯдакистон, 1 муассисаи таълимӣ, дидбонгоҳи сарҳадӣ ва бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ-ро ба нақша гирифтаанд.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

# ФАЗОИ ФАРҲАНГӢ ТАВСЕА МЕЁБАД

***Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Орумбекзода зимни нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон иброз дошт, ки Вазорати фарҳанг баҳри ташаккули фазои ягонаи фарҳангӣ, ғанӣ гардондани дунёи ботинии ҳамзамонон, шинохти таърихи гузаштаву имрӯза ва таҳкими эҳсоси худшиносию ватанпарастӣ дар шашмоҳаи охир як қатор корҳоро анҷом додааст.***

**МАВСУФ** аз ҷумла қайд намуд, ки айни замон дар ҷумҳурӣ 2313 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 1349 китобхонаҳои давлатӣ - оммавӣ бо фонди умумии 849696 китоб, 324 қаср ва хонаҳои фарҳанг, 430 клуб, 61 клуби сайёр, 14 маркази фарҳангу фароғатӣ, 6 филармонияи халқӣ, 49 боғи фарҳангӣ - фароғатӣ, 23 театри халқӣ, 44 осорхона, 12 хона - осорхона, 23 ансамбли тарона ва рақс, 14 ансамбли шашмақомхон, 6 ансамбли фалаксароӣ, 6 ансамбли эстрадӣ, 9 ансамбли фолклорӣ - этнографӣ, 6 ансамбли рақсӣ, 17 театрҳои касбӣ, 8 муассисаи консертӣ фаъолият доранд.

Мутахассисиони вазорат номинатсияи "Оши палов", мусиқии сунатии тоҷик "Фалак", номинатсияи "Чакан"-ро барои ворид намудан ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО пешниҳод карда, корҳо дар самти омӯзиши илмӣ, ҳуҷҷатнигории (инвентаризатсия) ҳунари "Читгарӣ", "Атлас" ва "Чавгон", инчунин таҳқиқ ва омӯзиши илмии дигар унсурҳои мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷикро ҷиҳати пешниҳод ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО омода кардаанд.

Соли гузашта Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳулбук ва номинатсияи мусиқии суннатии тоҷикон "Фалак" ба Ҷоизаи байналмиллалии "GLOBAL RATING NOMINATION"-и Институти рейтинги байналмилалӣ "INTERNATIONAL RATING SISTEM" ЮНЕСКО мушарраф гардиданд.

Имрузҳо дар ҷумҳурӣ 95 муассисаи таълимии соҳаи фарҳанг фаъолият менамоянд, ки дар онҳо ҳудуди 14528 нафар донишҷӯ таҳсил намуда, ба онҳо 2870 устодони варзидаи соҳаи фарҳанг ва санъат таълим медиҳанд.

Соли 2015 бо тавсияи бадеии вазорат 11 асари драмавии адибон ва 8 асари композиторони тоҷик харидорӣ шуда, дар театрҳои мамлакат 58 асари нав рӯи саҳна омаданд иттилоъ дод, вазири фарҳанг Шамсиддин Орумбекзода.

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

# АЗ БОТУЛИЗМ ЭҲТИЁТ ШАВЕД

**Ботулизм бемории ниҳоят вазнин ва хатарнок барои ҳаёт буда, бо тасири расонидани зарар ба системаи асаб, вайроннамудани қобилияти биноӣ, фурубарӣ, нутқ ва ҳолати вазниншавии нафаскашӣ суръат мегирад.**



**ЗИЁДШАВИИ** ҳодисаҳои ботулизм аксар маврид, бо таври васеъ паҳншавии истифода аз маҳсулоти нодуруст ё нокифоя тамизгардидаи дар шароити хона консервакунонидашуда, риоя нагардидани шароити нигоҳдорӣ, ки дар ин ҳолат спораи ботулизм қобилияти ҳаётии худро нигоҳ медорад, алоқаманд аст. Дар аксар маврид маҳсулоти сироятёфта хӯришҳои сабзавотӣ (бештар аз помидор, бодринг ва боимҷон) ва замбурӯғҳои дар шароити хона консервашуда ба ботулизм сабаб гардидаанд. Баъзе ҳодисаҳо аз истеъмоли маҳсулоти гӯштӣ алоқаманд будаанд (ҳасиб ва гӯшти бирёни дар равған хобондашуда.Ботулизм ин заҳролудшавиест, ки аз нейротоксини боқуваттоксини ботулинӣ ба амал меояд ва онро шакли вегетативӣ бактерияи кластридиум ботулинум хориҷ мекунад. Токсини ботулинӣ ба бадани одам тавассути ғизои сироятёфта ворид мегардад. Вояи миёнаи марганҷом барои одам 1 микрограммро (0,001 мкг) ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, ҳангоми ҷабидашавии 0,001 мг ками токсинҳо дар бадан, ба бемории вазнин ё марганҷомӣ оварда мерасонад. Инсон тавассути маҳсулоти хӯрокворӣ метавонад аз 2 намуди ботулизм сироят ёбад:

**БОТУЛИЗМИ ҒИЗОӢ ВА БОТУЛИЗМИ КӮДАКОН**

Ботулизми ғизоӣ ин заҳролудшавиест, ки онро истеъмоли қаблан сироятёфта бо токсини ботулини ба вуҷуд овардааст. Ботулини ғизоӣ хусусан аз он хатарнок аст, ки дар як вақт вай метавонад бо шумораи зиёди одамон, ки ҳангоми истеъмоли маҳсулоти сироятёфта зарар расонад.

Ботулизми кӯдакона ниҳоят кам дида мешавад ва асосан сироятёбӣ ҳангоми истеъмоли асал ба вуқуъ меояд. Дар аъзои ҳозимаи кӯдакони то синни яксола бевосита шакли вегетативии C. ботулинум, ки токсини ботулизмро хориҷ мекунад, маскун мегирад. Ин аз ҳисоби дар айёми кӯдакӣ мавҷуд набудани механизмҳои муҳофизатии табиӣ, ки бадтар ташаккул мeёбад, имконпазир мегардад. Аз ҳамин лиҳоз табибон барои додани асал ба кӯдакони то синни як сола тавсия намедиҳанд.

Спораи C. Botulinum дар табиат васеъ паҳн гардидааст, хусусан дар хоки коркардшуда ва ҷангалӣ, тагшонҳои қаъри ҳавзҳо, ғалсама ва дохили малюскҳо, дар аъзои ҳозимаи моҳӣ ва ҳайвонот дида мешавад. Ғайр аз ин, онҳо дар ашёи хом низ вомехӯранд, ки метавонанд сироятёбии дутарафаи маҳсулоти ғизоиро дар ҷараёни тайёркунӣ ба вуҷуд оранд.

Бештар аз ҳама ботулизми ғизоӣ ҳангоми истеъмоли хӯришҳои консервашуда аз маҳсулоти сабзавотии туршиашон паст помидор, бодринг, боимҷон, лаблабу, нахуди сабз ва замбурӯғҳо, ки нокифоя пухта ва тамизгардонидашудаанд, мушоҳида мегардад.

**АЛОМАТҲОИ БЕМОРИИ БОТУЛИЗМ:**

Аломатҳо одатан дар давоми 12-36 соат пас аз истеъмоли ғизои токсиндошта пайдо мешаванд, вале ҳолатҳое ҳастанд, ки аломатҳо 4 соат ё 8 рӯз пас аз сироятшавӣ пайдо гардидаанд.

- Хастагӣ, бемадорӣ, сарчархзанӣ, дилбеҳузурӣ, дарди сар.
- Ба аломатҳои аввалин аксар вақт мансуб аст, тирашавии пеши чашмон, хушкшавии даҳон ва гулӯ, душворшавии фурӯбарӣ ва сухангӯӣ.
- Фалаҷшавии мушакҳо.

**ПЕШГИРИИ БОТУЛИЗМ:**

- Ҳимояи маҳсулоти хӯрокворӣ аз сироятёбии барангезандаи бемории ботулизм.
- Дар маҳсулоти консервашавандаи дараҷаи туршнокияшон паст, илова намудани ҷавҳари лиму ё сирко.
- Дар рафти коркард ва тайёр намудани хуришҳои консервашуда риоя намудани қоидаҳои асосии таъминоти бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, ки аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ тавсия дода мешаванд;
- тозагиро риоя намоед,
- маҳсулоти хомро аз пухта ҷудо намоед,
- ғизоро нағз пазед,
- маҳсулотро дар ҳарорати бехатар нигоҳ доред,
- об ва маҳсулоти хоми бехатарро истифода баред.
- Ба кӯдакон маҳсулоти консервагии дар шароити хона тайёршуда ва аз 12-моҳа хурд асал ва маҳсулоти асалиро надиҳед.
- Аз зарфҳое, ки эҳтимоли хатари ботулизм доранд; зарфҳои варамида, моеъ ҷорӣ мешавад, ҳангоми кушодан моеъ бо фишори баланд мерезад, бӯи ғализ ғайримуқаррарӣ ва нофорам дорад, ғизоро истеъмол нанамоед.
- Аз зарфи шубҳанок ё сироятёфта ғизоро начашед! Ҳатто миқдори камтарини токсини ботулинӣ мумкин аст хатарнок бошад. Қарор беҳтарин-партофтани маҳсулот ҳангоми камтарин шубҳа.
- Маҳсулоти дар шароити хона консервашударо, ки зиёда аз як сол нигоҳ дошташудааст, истеъмол накунед.
- Дар ҳолати бад шудани ҳолати саломатӣ ва пайдошавии аввалин аломатҳои беморӣ таъҷилан ба муассисаҳои тиббӣ муроҷиат намоед.

**Зоиршоҳ ИШОРАТОВ,**
**Аҳлиддиншоҳ ҚАНДАКОВ,**
*мутахассисони Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии ҷумҳурӣ*

# «ЗУКОМИ ХУК» БА КӢ ХАТАР ДОРАД?

**Ба наздикӣ хушхабари кашфи эм (ваксина) вабои "Эбола"- ро тамоми оламиён тавассути ВАО аз забони Президенти Россия В.Путин шуниданд. Қобили зикр аст, ки соли гузашта бар асари ин вабо 70000 одам фавтида, ҷаҳонро хавфи табобатнашаванда будани он ба ларза дароварда буд.**



**ВАЛЕ** баробари ин хабари мусбӣ иттилои паҳн гаштани "Зукоми хук" аз қисмати ҷануби Россия боз мардумро ба таҳлукаи нав андохтааст. Дар бораи ин навъи зуком ҳафт соли охир хеле зиёд мегӯянд, зеро аксар гирифторони он ҳам ҳалок мегарданд.

Пандом ё вабое, ки ҷаҳонро фаро мегирад, кулли кишварҳои мутараққиро водор мекунад, ки чораҳои фаврие биҷӯянд, то ки роҳи паҳншавӣ ва гирифтории одамонро бигиранд. Дар Россия, ки маҳз тавассути ВАО- и он мо аз рӯйдодҳои ҷаҳон иттилоъ мегирем, барои "Зукоми хук" нашудан шаҳрвандонро эм мекунанд.

Тибқи иттилои чанд рӯз қабл расида, дар пойтахти Украина аз ин вабо дар як рӯз 27 нафар ва дар шаҳри Одессаи он зиёда аз 30 нафар фавтида буданд. Бонги изтироби ВАО- и Россия аз он буд, ки набудани доруворӣ боиси барқвор паҳн гаштани ин бемориӣ гаштааст.

Тибқи хабарҳои то ин замон паҳнгашта дар Ставрополь, Украина ва Қафқоз ҳолатҳои гирифтори беморони "Зукоми хук" (свиной грипп) меафзояд. Россия аз чунин эпидемияи бонги хатар назадааст, вале дар Краснодар расман аз марги чандин нафар хабар додаанд. Вале тибқи маълумоти ғайрирасмии ин теъдод хеле зиёд аст.



Зукоми хук дар аввал ба шамолхӯрии оддӣ монанд аст, аз ин рӯ беморон дарҳол ба духтур муроҷиат намекунанд.

Чанд рӯз муқаддам як шиносам нақл кард, ки зани 45-солаи солим баъди чанд рӯзи зуком шудан фавтидааст. Вале маъмулан фавтидаро дар мо ташхис намекунанд. Кас мурд-мурд мегӯянду аз насибу тақдир медонанд.

Дар кишвари Россия, ки шаҳрвандон аз зуком эм (ваксина) карда мешаванд, ин хатар барояшон хавфи камтар дорад. Вале мардуми мо, ки бевосита ба ин кишвар алоқаи рафтуомад доранд, бояд табибонамон аз пешгирии ин навъи зуком чораандешӣ кунанд.

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

**Моҳи августи соли гузашта аҳли ҳунар ва фарҳанги Тоҷикистон 80-солагии яке аз чеҳраҳои шинохта, ситораи синамои тоҷик, актёр, режиссёр, абармарди фарҳангу ҳунар Марат Орифовро ботантана ҷашн гирифтанд. То он дам дар бораи шахсият, истеъдод ва ҳунари ин ҳунарманд бисёр мақолаҳо ба табъ расиданд. Пас аз гузаштани ҷашнвораи ин марди фарзона ба даст қалам гирифта ин матлабро иншо кардани мо чӣ мақсад дорад?**



# ПАДАРИ МАРАТ ОРИФОВИ МАШҲУР КИСТ?

## *Ё ДАР БОРАИ ОН КИ АСЛУ НАЖОДИ КАС АЗ ПАДАР АСТ Ё МОДАР?*

**ОИД** ба ҳолномаи мухтасари Марат Орифов дар Энсиклопедияи советии тоҷик чунин омадааст:

- Орифов Марат Собирович (27.08.1935, ш. Конибодом), артисти кино, кинорежиссёри советии тоҷик. Артисти хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон (1958) дар оилаи санъаткор (писари Т. Фозилова) ба дунё омадааст. Факултаи забон ва адабиёти Институти давлатии педагогии Душанбе, ба номи Т. Г. Шевченко (1956), Институти театрию рассомии ба номи А. Островскийи ш. Тошкент (1960), Институти давлатии умумииттифоқии кинематография (1964), факултети режиссёрии филмҳои бадеӣ- устохонаи С. А. Герасимовро хатм кардааст.

Оид ба ин навиштаҳо мо нукта намегирем. Ба маҳорату санъати ин нобиға тан бояд дод. Танҳо мо ба як масъала равшанӣ андохтанием.

Мо - муаллифон рӯзе сари кадом як масъалае бо ҳам суҳбат доштему ба дафтари кории Ҳусейни Назрулло омӯзгори шинохта, муаллими хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон Набиҷон Қодиров ворид гаштанд. Ин шахси мӯътабар дар 96-солагӣ аз дунё чашм пӯшиданд. Он кас дар мактаби №1-и шаҳри Истаравшан зиёда аз 70 сол ба толибилмон дарси ҳандаса омӯзониданд.

Суҳбати мо бо он кас тасфиду ба сари масъалаи падари Марат Орифов печид.

Устод гуфтанд: - Падари Марат Орифов Собирхон Орифов истаравшанӣ буда, дар гузари Бурчак ба дунё омадааст. Ҳамчунин дар айёми ҷавонии мо гуфтугузоре буд, ки асли аҷдодони авлоди падарии Орифовҳо гӯё аз деҳаи Рарзи Фалғар буда, баъдан ба Истаравшан кӯч бастаанд.

Собирхон Орифов яке аз поягузорони театри касбӣ дар шаҳри ҳамонвақтаи Ӯротеппа ба ҳисоб рафта, аз шахсони доно, толибилм, босавод маҳсуб меёфт. Мегуфтанд, ки ӯ фориғуттаҳсили гимназияи шаҳри Самарқанд буд ва дар аввали солҳои 30-уми қарни гузашта дар театри касбии шаҳри Истаравшан чеҳраҳои шинохтаи фарҳанги Осиёи Марказӣ, мисли Қорӣ Ниёз Ёқубов, Тамара хоним (минбаъд Артискаи Халқии СССР), Байзо Шарифов, (истаравшанӣ аз гузари Дарвозаи Боло), Берта Давидова (минбаъд Артисткаи Халқии РСС Ӯзбекистон), Туҳфа Фозилова (минбаъд Артискаи Халқии СССР), Ҳалима Носирова (минбаъд Артискаи Халқии СССР) ва дигарон ҳама аз бунёдгузорон ва нахустин актёрони ин театр ба ҳисоб мерафтаанд.

Дар натиҷа, Собирхон Орифов ба Туҳфа Фозилова ва Байзо Шарифов ба Берта Давидова издивоҷ мекунанд.

Аз ҷуфти аввал Марат Орифов ва аз ҷуфти дуюм Раъно Шарифова (ҳоло Артисткаи Халқии Ҷумҳурии Ӯзбекистон) ба дунё омадаанд.

Муаллифони ин сатрҳо ин нуктаро пештар ҳам медонистанд. Зеро Омӯзгори хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон, олим ва нависандаи зиндаёд Разиюлло Абдуллозода дар китоби худ "Ёде аз айёми гузашта", (Душанбе "Ирфон", 1983) дар боби "Театр дар шаҳри мо" гуфтаҳои болоро тасдиқ кардаанд.

Ҳоло ки устод Марат Орифов дар ҳаётанд (умрашон дароз бод), қаламкашон зодгоҳи он касро гоҳ дар Конибодому Душанбе ва гоҳо дар ноҳияи Айнӣ нишон доданӣ мешаванд.

Дар бораи соҳибҷамолии Туҳфа Фозилова ҳоҷат ба гап ҳам нест. Вале бино ба гуфтаи устод Набиҷон Қодиров Собирхон Орифов низ ҷавонмарди болобаланди зебою қавиҷусса ва ба қавли мардум "хушқаду қомат" ва соҳиби ҳунару истеъдоди фитрӣ будааст, вагарна Туҳфа Фозиловаи паризод ба чунин ҷавонмарди истаравшанӣ дил намебохту ӯро барои ҳамсафари ҳаётии худ интихоб намекард.

### ПАС КИ БУД ИН СОБИРХОН ОРИФОВ?

Доктори илми санъатшиносӣ, профессор, театршиноси маъруф Низом Нурҷонов дар китоби худ "Туҳфа Фозилова" (Душанбе, "Адиб", соли 2000) навиштааст, ки Туҳфа Фозилова соли 1934 ба ҷавони ба вай дилбохта Собирхон Орифов ба шавҳар баромада буд. Ҳангоми сафари эҷодии театри яҳудиёни Самарқанд дар Сталинобод назди модараш ва хоҳаронаш ба Конибодом рафт. 27 августи соли 1935 вай писарчаи хушрӯе таваллуд кард. Оилаи нав ва хешу таборон беҳад хурсанд буданд. Баъдтар ҳамаашон барои Туҳфа шуда бо кӯмаки Султон Саидмуродов ба Сталинобод кӯчида омаданд. Аммо шавҳари Туҳфа Фозилова ба пойтахт рафтан нахост. Вай шахси пешқадам, бомаърифат буд, гимназияро хатм намудааст. Нимаи солҳои 30 давраи ниҳоят пурхавф буд. Собирхон аз он ки дар гимназия таҳсил кардааст, меҳаросид, мабодо ӯро ҳам монанди одамони бегуноҳи дигар ба ҳабс нагиранд? Вай ба зодгоҳаш Ӯротеппа баргашт, дигар хонадор нашуд, муаллими мактаб шуда кор кард.

Муродҷони хурдсол, ки баъдтар ӯро ҷӯраҳояш Марат номидаанд, ду-се бор падарашро зиёрат кард. Соли 1942 Собирхон ба аскарӣ даъват шуд ва баъди чанд моҳ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок гардид".

Баъди ба воя расидани Марат Орифови душанбегӣ, конибодомӣ, айнигӣ ва ё истаравшанӣ (инро ба қазовати худи устод ҳавола мекунем) Донишкадаи шаҳри Тошкандро хатм намуда, чун актёри бомаҳорат ба воя расида, нақшҳои машҳури Рӯдакӣ, Сино ва дигаронро бо як маҳорати ба худ хос офариданд.

Дар бобати нақшофарини ӯ муаллифон чунин гуфтаанд: "Рӯдакии офаридаи Марат рӯҳу чеҳраи зебои тоҷикона дошт ва бо салобату тавоноии табиию модарзодӣ ин симои бузурги таърихро офаридан танҳо ба ӯ муяссар гардид".

Ё ки "Агар Марат намебуд, мо намедонистем, ки Рӯдакию Абӯалӣ Синои мо чи чеҳраву чи ҷавҳари тоҷиконае доштанд".

Ин ҷо як чизро ёдовар шудан ба маврид аст. Моҳи августи соли гузашта аз муаллифони ин навиштаҳо Набӣ Ҷумъа ба шаҳри Душанбе сафари корӣ дошт ва бо олим ва рӯзноманигори шинохта, доктори фанҳои иқтисод, профессор Раҳмон Ӯлмасов вохӯрд ва дар бобати дар Донишгоҳи славянӣ барпо гардидани мулоқоти ректор бо абармарди фарҳангу ҳунари тоҷик Марат Орифов суҳбат орост. Раҳмон Ӯлмасов гуфт, ки Марат Орифов дар ин суҳбат асли худро истаравшанӣ номид.

Мо ба хотири муайян кардани тақдири падари Марат Орифов - Собирхон Орифов асарҳои зиёдеро варақ задем, бо куҳансолон суҳбатҳо оростем. Дар китоби "Хотира"-и зиндаёд Ғанӣ Бобоҷонов омадааст, ки: "Арипов Собир родился в Ура-Тюбинском районе Ленинабадской области. Таджик. Призван в Советскую Армию Ура-Тюбинским РВК. Старщий сержант. Находясь на фронте заболел и умер 15 декабря 1944 года. Похоронен в городском кладбище города Краено в Польше".

Барои муайян сохтани робитаи Марат Орифови наврас бо падараш Собирхон Орифов ин ҷо месазад боз як иқтибосро аз гуфтаи устод Набиҷон Қодиров айнан орем: "Дар таъмини Ғалаба бар фашизими Олмон саҳми заҳматкашони ақибгоҳ кам набуд. Меҳнати душвору дандоншикани ақибгоҳ ба зиммаи калонсолон, занону духтарон ва ҳатто наврасону бачагон афтода буд. Онҳо дар ҳамон шароит барои таъмини Ғалаба шабу рӯз кор мекарданд. Аз рӯзҳои нахустини ҷанг давлат ва Ҳукумати Шӯравӣ бо чунин даъват ба халқ муроҷиат карданд: "Ҳама барои фронт, ҳама барои Ғалаба!".

Истаравшаниҳо низ мисли тамоми аҳолии ҷумҳурӣ аскарони Сурхро бо либосҳои гарму пойафзол таъмин мекарданд. Онҳо дар сохтани колонаҳои танкии "Муаллими халқӣ", "Колхозчии Тоҷикистон", "Ҷавонони колхозчии Тоҷикистон", "Кормандони тибби Тоҷикистон" ва сохтани эскадрилияи самолётҳои "Тоҷикистони Шӯравӣ" дар канор наистода ба маблағи он ҳисссагузорӣ менамуданд.

Соли 1942 чунин иқдом дар маркази шаҳри Ӯротеппа низ барпо гардид. Ва ман дар ёд дорам, ки Собирхон Орифов ҳамроҳи як писарбачаи 7-8 солааш, ки Мурод ном дошт, дар қатори дигар сокинони шаҳру деҳот ба сарбозон як мӯзаи нави қафқозии чармин ва як миқдор пул ба фонди мудофиа супорид. Ман ба гӯши худ шунида будам, ки ӯ он писарбачаро "писарамномаш Мурод" гӯён муаррифӣ мекард".

Бояд гуфт, ки дар байни мардуми Шарқ таомуле ҳаст. Аслу насабу аҷдоди касро аз рӯи падар муайян мекунанд. Вақте ки аз писар мепурсанд: "Шумо писари кӣ ҳастед?" писар ҳатман ном ва авлоди падарро ба забон меорад.

Барои истаравшаниҳо боиси ифтихор аст, ки падари чунин абармард истаравшанӣ ва Собирхон Орифов ном дорад. Ва ин ҳақиқатро бояд дигарон низ донанд.

**Ҳусейни НАЗРУЛЛО,**
**Набӣ ҶУМЪА**

Дар бораи тухм мо чӣ медонем? Қариб ҳеҷ чиз. Ба ин одат кардаем, ки дигарон мегӯянд: тухм як хӯрдании дерҳазм аст ва холестерини зиёд дорад. Баъзеҳо ҳатто аз тарси ин гуна суханон аз хӯрдани тухм парҳез карда ва гӯё барои нигоҳ доштани саломатиашон кӯшиш мекунанд. Аммо дар пайи таҳқиқоти ғизошиносон маълум шудааст, ки тухм аз хӯрданиҳои барои саломатӣ зарур буда, ҳатман дар анвои хӯрданиҳои ҳаррӯзаи инсон бояд бошад.

# ТУХМ ВА СОЛИМИИ УСТУХОН

### ТУХМ ДЕРҲАЗМ, ВАЛЕ ГУВОРОСТ

Тухм аз хӯрданиҳои барои организм гуворо буда, 98 дарсади онро бадан ҷабида мегирад.Мутахассисони ғизошинос сафедаи тухмро мисли масолеҳи хуби сохтмонӣ барои организм ва маводи асосӣ барои пайдо шудани ҳуҷайраҳои нав медонанд.

Тухм барои афзоиши мушакҳо ва нигоҳ доштани онҳо дар ҳолати дуруст ғизои муҳим буда, дар як рӯз як дона хӯрдан аз он барои танзими вазн ҳам ёрӣ медиҳад. Барои онҳое, ки мехоҳанд лоғар бошанд, истеъмолаш муносиб дониста мешавад. Сафедаи тухми мурғ маҳсулоти серғизост ва ҷиҳати босуръат пур кардани ҷисм бо моддаҳои зарурӣ мусоидат менамояд. Иштиҳоро коҳиш медиҳад ва баданро дар сатҳи хуб нигоҳ медорад. Тухмро одатан саҳар мехӯранд, ки ин дуруст аст. Истеъмоли тухм дар ношто барои назорат ва танзими гормонҳои гуруснагӣ, ки грелин унвон мешавад мадад мерасонад. Шахсро аз пурхӯрӣ нигаҳ медорад ва ҳамзамон то дергоҳ кас худро дар ҳолати хуб ҳис карда, гуруснагӣ эҳсос намекунад.

### ВИТАМИНҲОИ ҚУВВАТИ ЧАШМРО ДОРАД

Тухм дар таркиби худ витамини бисёр дошта, манбаи хуби витаминҳои муфид барои чашмон аст. Аз ҷумла дар як донаи он ба миқдори 5 фоиз витамини А- и дар як шабонарӯз барои бадан зарурӣ мавҷуд аст. Инчунин 10 дарсад витамини Д-и барои бадан дар шабонарӯз ба ҷисми инсон лозимро дар худ дорад. Фосфор, оҳан, руҳ, йод, ретинол, рибофлавин - ҳамаи ин витаминҳои барои инсон зарур дар тухм ҳаст. Касоне, ки ҳар рӯз як дона тухм мехӯранд, аз вазъи саломатии чашмони худ метавонанд беташвиш бошанд, чунки мушакҳои чашм ба таври доим бо антиоксиданти лютеин таъмин шуда, аз хатари пеш аз муҳлат заиф гардидани нури чашм, ки вобаста ба синну сол аст, ҳифз мешаванд ва аз ҳолати шабкӯрӣ ҳам наҷот меёбанд.

### УСТУХОНРО АЗ ПӮКШАВӢ НИГАҲ МЕДОРАД

Тухм устухонҳои инсонро аз пӯкшавии бармаҳал муҳофизат намуда, касро бардам медорад. Доимо тухми обпаз хӯрдан кафолати қавӣ будани устухони шумост. Бисёр одамон мушкили шиканандагӣ (қарс- қурс садо баровардан)-и устухонро доранд, аммо намедонанд, ки барои рафъи он чӣ кор кунанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки қарс- қурс садо баровардани устухон дар занони аз 40-сола боло ва мардони синну солашон аз 50-сола боло зиёдтар аст. Аммо онҳое, ки пайваста тухми мурғ мехӯранд, аз ин гуна ҳолат худро ҳимоят мекунанд.

### МАҒЗРО ТАҚВИЯТ МЕКУНАД

Тухм мағзи сарро тақвият мекунад. Он дар таркиби худ "холин"- маводи олии барои мағз зарурро дорад! Холин ҳушро қавӣ мекунад ва тафаккури эҷодиро рушд медиҳад, барои пайдо шудани вокуниши зуд ба ҳар навъ таъсироти манфӣ мусоидат менамояд. Барои шахсоне, ки дар бахши машғулиятҳои ақлонӣ заҳмат мекашанд, як хӯрдании бо ғизои дигар ивазнашаванда дониста мешавад. Ба кӯдакони синашон аз 3-сола боло агар аллергия надошта бошанд, барои рушди мағзашон дар як рӯз як тухм бояд дод. Тухм инчунин барои ташаккули заминаи пайдоишу рушди гормонҳои солим дар ҷисми кӯдак мусоидат менамояд.



### МОДДАИ ПЕШГИРӢ АЗ АТЕРОСКЛЕРОЗ

Тухм боиси кам шудани ҳолати пайдоиш ва гирифтории инсон ба атеросклероз (тасаллуби шарён) ҳам ҳаст. Дар сурати якҷо бо хӯрданиҳои дигар истеъмол кардани тухм миқдори холестерин дар хун зиёд намешавад.

Холестерин дар худи тухм дар ҳолати эътидол бо фосфатидҳо (пайвастагиҳои монанд ба летситин) аст. Мавҷудияти фосфатидҳо аз пайдо шудани захмҳои атеросклеротӣ дар рагҳои бадан пешгирӣ мекунад. Таҳқиқот нишон додааст, ки хӯрдани тухми обпаз бо равғани маска, зайтун ё ҳар навъ равғани дигар, ки истифода мекунем, аз ҳар ҷиҳат фоиданоктар аст.

Истеъмоли тухми обпаз инчунин барои пешгирӣ аз бемориҳои хоси ҷигар ҳам муфид буда, сиҳатии ин узви баданро сад дар сад муҳофизат мекунад.

Таваҷҷуҳ кунед: нозуку равон, резонаку шикананда будани тухм нишондиҳандаи арзиши баланди ғизоӣ доштани он аст. Аммо чигунагии зардии он наметавонад, баёнгари сатҳи арзиши ғизоии он бошад. Онҳое, ки ин тухмро ба таври доимӣ намехӯранд, бояд ҳар чӣ зуд ба номгӯи ғизоҳое, ки майл доранд, онро дохил кунанд. Тухм ғизое аст, ки тез тайёр мешавад, вале батадриҷ он ба тамоми организм таъсири мусбат мерасонад. Албатта шахсоне ҳам ҳастанд, ки аз тухм аллергия доранд ва ба чунин афрод хӯрдани тухм тавсия намешавад.

Бо хӯрдани як дона тухм кас ҳолати хубу коршоямии организми худро барои тамоми рӯз таъмин мекунад.

**Таҳияи Ю.СОЛЕҲ**



Асбоб барои коғазу матоъбурӣ
Нависандаи муосири Тоҷик
Муқобили «ҳа»
Нота
Молишдиҳии бадан
Лаҳзаи оғозёбии мусобиқа (русӣ)
Номи занонаи русӣ
«Дониш ... дил чароғи равшан аст»
Ҳол
...-солагӣ-синни ҳокимияти... дар Тоҷикистон
Дар пойи биатлончӣ
Ёсин, Фотиҳа ё Ихлос
Фарзанди парранда
Фарогатхоҳи обӣ дар шаҳр (русӣ)
Бахшиши гуноҳ
Хаймаи кучманчии туркзабон
Кори хирург
... Гуд, қаҳрамони миллии Англия
«Бе пир марав, ки дар бимонӣ, ... Сикандари замонӣ»
Тамғаи автомат
Як намуди варзиши сабук
«Майл-...»- ҷойи смс-нависӣ
Дарахт, меваҳояш сафед ё сиёҳ мешаванд
Насиба, ризқ
Меҳмони доимии казино
Андом, башара
«Холаи ҳамакора, ҳама кораш ...»
Рӯйхати хӯрокҳо дар ошхона
Ҳайвони дарранда, паланг
... Норрис, актёри амрикоӣ
Асбоб барои нафаскашӣ дар зери об
Ҷорӣ аз дида
Президенти якуми Русия
Номи тоҷикии ш. Москва
Аз майдон берун шудани тӯб дар футбол
Дар даст рул дорад
Шакли кӯтоҳи номи Юрий

Қобилияти фикрӣ, зеҳн
Баҳрахна, урён
Роҳи зеризаминӣ
Дарё, қисми калимаи «Мовароуннаҳр»
Дарду ғам
Яке аз китобҳои муқаддас
«Ид ... бошад!»
Фестивали «...и гесу»

ҶАВОБИ СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| К | | | Ф | У | Т | Б | О | Л | Б | О | З | | А | Р | К | Т | И | К | А |
| И | | | | | | | | У | | | А | | | И | | | Б | | В |
| Л | | | | | | | А | Н | Г | И | Н | А | | О | Д | А | Т | | А |
| О | | | | | | | | Д | | С | | М | | | О | | И | К | С |
| М | | | | | | | Д | А | С | Т | Р | У | М | О | Л | | Д | | Т |
| Е | | | | | | | Р | | А | | А | | А | | | Б | О | Л | О |
| Т | А | Ш | Н | А | | | А | Ҳ | М | А | Д | | Ш | И | Ш | А | | | |
| Р | | Е | | В | А | Ҳ | М | | Б | | И | Ш | Қ | | | Д | А | Ш | Т |
| | | Ъ | | Т | | У | | | У | Р | А | | | М | | | | | А |
| Х | У | Р | М | О | | Т | Р | О | С | | Т | И | Р | Е | | | | | Ҳ |
| О | | | Е | | А | | Т | | А | | О | | | Ъ | | | | | Д |
| Л | И | Т | Р | | Н | А | Р | Д | | Г | Р | А | М | М | | | | | Е |
| М | | | Ф | Р | И | | | Е | | У | | С | | О | | | | | Г |
| С | О | Ч | И | | С | И | Ё | В | У | Ш | | П | О | Р | А | Х | У | Р | И |



# МУҲАББАТ

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

## САБАБҲОИ МУҲАББАТ

**Сабаби аввал** он аст, ки инсон худ ва камолоту бақои худро дӯст медорад, лекин марг ва ҳалоки худро, ки адам ва ё нестии беранҷу беалам аст бад мебинад ва душман мешуморад. Шояд саволе ба вуҷуд ояд, ки чаро инсон ба марги худ нафрат дорад ва онро дӯст намедорад? Иллати асосӣ дар он аст, ки ҳеҷ чиз ба ҷуз аз ҳастӣ, давому камолот ва сифатҳои ҳастӣ барои инсон мувофиқтару созгортар нест. Ҳамзамон ҳеҷ чизе мухолифтару носозгортар аз нестии камолоту сифатҳои инсон шуда наметавонад.

Аз ҳамин сабаб падар фарзандро дӯст медорад, ки бақои вайро ҳамчун бақои худ медонад. Чун инсон аз бақои худ оҷиз аст ва наметавонад ба хоҳиши худ солҳои тӯлонӣ зиндагӣ кунад аз ҳамин сабаб он чизе, ки ба бақои вай монанд аст, онро дӯст медорад. Аммо агар дар асл гирем падар на фарзандонро, балки худро дӯст медорад. Болотар аз ин, аз сабаби он ки барои бақои инсон ва бақои сифатҳои вай молу чиз ва доройӣ лозим аст, ӯ онҳоро низ ба хотири бақои худ дӯст медорад. Вай худу наздикони худро барои он дӯст медорад, ки онҳоро пару боли хеш медонад ва худро бо онҳо комил мешуморад.

**Сабаби дуввум** накӯкорӣ аст. Ҳар касе ба инсони дигаре некӣ карда бошад, вайро аз рӯйи табиати худ дӯст медорад. Ҳамин аст, ки бузургон фармудаанд: ***"Одамӣ бандаи накӯкор аст"***.

Муаллимони ахлоқ ҳамеша аз Офаридгор хоҳиш менамуданд, ки ҳеҷ табақҳори фосиқи бадахлоқро даст надиҳад, ки ба онҳо некӣ кунад, ки он гоҳ дили онҳо он табақҳорро дӯст дорад. Яъне, ин ҷо сухан перомуни табиати инсон меравад, ки ҳар касе ба вай некӣ кунад, инсон онро табиатан ҳамчун некӣ қабул мекунад. Сабабаш ин ҷо низ дӯст доштани инсон худро мебошад. Аз ин рӯ, инсон бояд ба шахсе некӣ карда, тибқи табиату вуҷуди хеш муҳаббат кунад. Эҳсон он аст, ки инсон коре кунад, ки сабаби бақои вай бошад ё сабаби камолоти сифатҳои вай.

Инсон тандурустиро на барои он дӯст медорад, ки табибро дӯст медорад, балки барои саломатии худ ӯро маҳбуби дили худ мешуморад. Ҳамчунин вай инсонро на ба сабаби некӣ кардан дӯст медорад, балки ба хотири худ некиҳои ӯро дӯст медорад.

**Сабаби саввум** - муҳаббат ба накӯкор. Инсон дар маҷмӯъ одамони накӯкор ва адолатпешаро дӯст медорад. Ин муҳаббати вай новобаста ба он аст, ки накӯкоре, ки ба вай некӣ кардааст ё на, вале агар ба гӯшаш расад, ки дар Ғарб ва ё Шарқ, дар Шимол ва ё Ҷануб роҳбари давлат, накӯкор, донишманду одил буда, халқ аз вай розӣ мебошад, табиати инсон ба ин шахси накӯкор майл мекунад. Шояд ин шахс он одами накӯкорро ҳеҷ гоҳ набинад ва эҳсони ӯро дарк накунад, лекин муҳаббаташ ҳатман ба вуҷуд меояд. Ҳамин аст, ки то имрӯз мардумон Анӯшервони одил, Ҳотами Той, Пётри 1, Сталин ва дигар накӯкорони таърихиро дӯст медоранд ва медонанд, ки аз қаҳри асрҳо расидани некии ин накӯкорон ба одамони муосир ғайриимкон аст.

**Сабаби чаҳорум** он аст, ки инсон шахси дигареро на барои чизе ва ё боигарие дӯст медорад ва маҳбуб мешуморад, балки барои зотан накӯ ва зебо будани вай дӯст медорад. Зебоӣ ва ҷамоли ҳамеша худ бо худ маҳбуб ва дӯстдоштанӣ мебошанд. Ба ибораи дигар инсонро бо худ, ки табиатан зебост, халқ маҳбуб медонанд. Чунин ҳам мешавад, ки дар баъзе ҳолатҳо инсонҳо шаклу сурати зеборо танҳо ба хотири зебоии он, на ин ки барои шаҳват, дӯст медоранд. Чунонки бисёриҳо сабза ва оби равонро на барои хурдан, балки барои зебоӣ ва тароваташон дӯст медоранд, зеро чашм аз нафосату таровати онҳо лаззат мебарад. Аз ин рӯ, ҷамолу ҳусн низ худ маҳбуб ва дӯстдоштанӣ мебошанд.

**Сабаби панҷум** дар муҳаббат миёни ду шахс, ки аз рӯи кашиши табиати якдигар мувофиқ омадаанд. Ин шакли муҳаббат на аз рӯи накӯӣ, балки дар асоси муҳаббати табиату ботини ду шахс зуҳур мекунад. Ин тарзи муносибат гоҳ зоҳиран сар мезанад ва гоҳе ҳам дар шакли пӯшида.

Мисол муносибат дар шакли зоҳири ин унс гирифтани ду кӯдак ба ҳамдигар, олим бо олим ва ё ҳар каси дигаре аз ҷинси худ. Муносибати пӯшида бошад дар асоси асли фитрати инсонҳо ба вуҷуд меояд, ки ҳар яке аз ин муносибатҳо хусусияти хоси худро дорад.

## ҲАҚИҚАТИ ЗЕБОӢ

Ҳамон гурӯҳи одамоне, ки дар вуҷуди онҳо хоссатан ҳисҳои панҷгон ва нафси ҳайвонӣ инкишоф ёфтааст, ба ҷуз аз эҳсосот тавассути чашм дигар чизро қабул надоранд ва ҳамеша таъкид месозанд, ки зебоӣ ва накӯӣ ба ҷуз аз рӯи сафед, рухсораҳои сурх, андоми хубу ранги дилнишин дигар чизе шуда наметавонад. Дар асл аз нигоҳи илми ахлоқ ин андеша беҷой ва хато мебошад.

Воқеан ҳам агар ба ашё ва падидаҳои олами ҳастӣ нигарем, дарёфт хоҳем кард, ки овози ҳаловатбахш, афту андоми зебо, ҳусну таровати дилнишин, аспу паррандаи зебо, боғу гулгашти зебо, шаҳру кишвари зебо ва ғайраро дида, аз накӯӣ ва зебоии онҳо чашми инсон ҳаловат мебарад ва барои солҳои зиёд дар хотираи инсон нақш мебандад. Пас метавон хулоса кард, ки зебоӣ ин камолот буда, шакли олитарини зебоӣ бояд дар вуҷуди он камоли лоиқ нуҳуфта аст ва ба ҳеҷ чизе ниёз надорад. Барои мисол камоли хат дар таносуби ҳарфҳо мебошад, ки ҳангоми навиштани хати зебо ин таносуб ба назар гирифта мешавад. Вақте инсон ин ҳамоҳангии ҳарфҳоро ба чашми худ мебинад аз он лаззат мебарад.

Як нуқтаро бояд хотирнишон сохт, ки на ҳама ҷавобҳоро метавон дар асоси зебоии зоҳирии онҳо дид. Баъзе одамон ба чунин тарзи масъалагузорӣ розӣ набуда, ба он шак меоранд, ки чи тавр метавон доир ба забон чизе, ки ба чашм дида намешавад, ҳарф зад. Ин аз нодонӣ ва ҷоҳилӣ аст, зеро мардум ҳамеша бо одамони накӯрафтор ва боодоб ишора карда, таъкид месозанд, ки ахлоқи накӯ ва рафтори зебо дорад. Дар робита ба ин дар илми ахлоқ овардаанд, ки илм ба порсоӣ зебо ва накӯ буда, шуҷоат бо саховат, парҳезгорию қаноат бо кӯтоҳтаъмӣ аз ҳама чизҳо зеботаранд. Дар ин бора ҳама медонанд ва медонанд, ки онҳоро ба чашми зоҳир дида наметавонанд, балки бо башорати ақл онҳоро идрок мекунанд.

Агар дар маҷмӯъ гирем, сурати инсон ду то мебошад: зоҳир ва ботин. Хулқи нек одоби некӯ ва зебо сурати ботин буда, табиатан маҳбуб ва дӯстдоштанӣ мебошанд. Масалан, сарфи назар аз он, ки одамони асри XXI Фирдавсиро надидаанд, лекин барои офариниши "Шоҳнома"-и безаволаш ӯро дӯст медоранд. Ин муҳаббат на ба сурати зоҳирии Фирдавсӣ, балки барои ҷамолу зебоии сурати ботинӣ, илму ҳамосаи ҷовидонаи вай мебошад. Дар ин ҷо Фирдавсӣ ба ҳар сурате, ки набошад, хонанда ӯро маҳбуби худ мешуморад.

Ба ибораи дигар сарчашмаи маҳбубият Фирдавсӣ аст, на пӯсти сафеду рухсораҳои арғувонӣ ва чашмони сиёҳу қомати зебои вай. Ҳар касе, ки хирад дорад ва зебоиву ҷамоли ботиниро инкор намекунад, онро аз сурати зоҳирӣ фарқ карда, ҳамчун манбаи зебоии аслӣ дӯст медорад. Ин мисоли кӯдакеро, мемонад, ки вай аз калонсолон касеро, ки дӯст дошт, на барои чашму абрӯи зебои вай, балки барои саховату шуҷоат ва доноии ӯ дӯст медорад.



**А.АРДАШЕР**


НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

МИНБАРИ ХАЛҚ

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
Бахтиёр ҲАМДАМОВ

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

БАРОИ МАЪЛУМОТ:
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
www.hamsafon.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ҳуринисо Ализода, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчин: Ҷамила Аҳмадова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

НИШОНИИ МО: *734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16. Индекси обуна: 68910*
Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».
Теъдоди нашр: 50109 нусха
Навбатдор: И.ТОҲИР


